**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**УДК: 338:656**
**ББК: 88**

**СОҲИБНАЗАРЗОДА ЗИКРИДДИН ТОҶИДДИН**

# ФАЪОЛНОКИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР НИЗОМИ ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

**ХУҶАНД – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст

**Роҳбари илмӣ:** **Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

**Игамназаров Нурбек Имомназарович,** номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молшиносӣ ва фаъолияти гумрукии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд»

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия санаи «07» феврали соли 2026 соати 09:00 дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1, бинои таълимии №5, e-mail: ds.tsulbp@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 928582212

Ба диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи http://ds.tsulbp.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” ___________________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсиони**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз самти стратегияи баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии минтақа ва давлати соҳибистиқлол ҷалби бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёт мебошад. Аз ин лиҳоз, афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ, баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионии субъектҳои хоҷагидорӣ дар маркази сиёсати иқтисодӣ бояд бошад, зеро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти минтақа ва ҷумҳурӣ сармоягузорӣ заминаи асосӣ дар таъмини рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ мебошад. Асоси рушди фаъолнокии инвеститсионӣ, таъмини муътадилии сиёсӣ, макроиқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст. Боиси таъкид аст, ки пас аз расидан ба ваҳдати миллӣ (соли 1997) дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, амалигардонии ҳадафҳои созандагию ободкорӣ бо маром идома дорад, дар иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ унсури асосии муҳити сармоягузорӣ, яъне муътадилии сиёсии иқтисодӣ таъмин гашта истодааст. Бинобар ин, дар Тоҷикистон ва минтақаҳои он баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ, ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ ба иқтисодиёт дар маркази таваҷҷуҳи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қарор дорад. Алалхусус масъалаи фаъолнокии инвеститсионӣ дар Паёмҳою гузоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид карда шудааст. Дар яке аз Паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии дурнамои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин иброз карда шудааст: “Тибқи «Стратегияи миллии рушди кишвар барои давраи то соли 2030» ҳаҷми сармояи мустақим то соли 2026 нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонида шуда, солҳои 2022 – 2026, яъне дар панҷ сол, бояд ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шавад.”[1] Вале новобаста аз он, ки дар самти сармоягузорӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шуда бошем ҳам, дар иқтисодиёти минтақаҳо ва ҷумҳурӣ

монеаҳое мавҷуд аст, ки ба раванди сармоягузорӣ таъсири манфӣ зиёд мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки дар “Стратегрияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, се сенарияи рушди иқтисодиёти миллӣ ба нақша гирифта шудааст, ки тибқи он аз соли 2026 то соли 2030 гузариш ба давраи инвеститсионии инноватсионӣ пешбинӣ карда шудааст. Инчунин, дар стратегияи мазкур мушкилотҳои самти инкишофи сармоягузорӣ аниқу саҳеҳ нишон дода шудааст. Дар ин ҷо мехостем баъзеи онҳоро зикр созем:

“ ...- монеаҳои маъмурӣ дар роҳи пешрафти соҳибкорӣ ва мавҷуд набудани механизми худмаблағгузорӣ (иттиҳодҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои суғуртаи мутақобила ва ғайра); - вусъатдиҳии нокифояи инфрасохтори сармоягузорӣ (инфрасохтори бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, машваратӣ ва ғ.) ва камбудиҳо дар механизмҳои таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, инкишофи заифи муносибатҳои шартномавӣ; - сатҳи пасти таъсирбахшии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ; - нокифоя будани алоқамандии лоиҳаҳои кумакҳои беруна бо афзалиятҳои чорабиниҳои миллӣ, стратегияҳои соҳавии барномаҳои рушди минтақавӣ...”[51]

Норасоиҳо дар ташаккули муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақа зеринҳоро дар бар мегирад: сатҳи нокифояи дастрасии захираҳои инвеститсонӣ, маҳдудияти имкониятҳои молиявии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, рақобатпазир набудани субъектҳои хоҷагидорӣ ва сатҳи баланди захирағунҷоиши истеҳсоли маҳсулотҳо. Ҳамаи ин зарурати таҳияи стратегияи баланд бардоштани фаъолнокии инноватсиониро дар иқтисодиёти минтақа ба миён меорад. Умуман, таъмини фаъолнокии инвеститсионӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад, ки дар рафти он таъсири омилҳо ва манфиатҳои гуногунро бояд ба инобат гирифт. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи фаъолнокии инвеститсионии вилояти Суғд ҳамчун минтақаи пешқадам ва дорои иқтидори бузурги

истеҳсолӣ масъалаи муҳим ва шавқовар мебошад. Аз ин лиҳоз аз нуқтаи назария ва амалияи илми иқтисодӣ таҳқиқи масъалаҳои танзими фаъолнокии инвеститсионӣ чун механизми асосии баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа масъалаи мубрам мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Муаммоҳои баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ ва танзими ҷараёни сармоягузорӣ ҳам дар адабиёти хориҷа ва ҳам дар адабиёти ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Асосҳои назариявии ҷараёни сармоягузорӣ ва танзими он дар асарҳои илмии олимони маъруфу машҳур ба мисли Ҷ.М.Кейнс [22], А.Лаффер [27], Р.Лукас [42], У. Шарп [59], П.Самуэлсон [8], Ҷ.К. Гелбрейт [15] ва дигарон таваҷҷуҳи хоса дода шудааст. Онҳо дар таҳқиқоти худ ба масъалаи сармоягузорӣ аз нуқтаи назари ғояҳои илмии мактабҳое, ки намояндагӣ доштанд, андешаҳои худро баён намудаанд. Масалан, Кейнс аз нуқтаи назари танзими давлатии сармоягузорӣ, Ҷ.К. Гелбрейт бошад, аз нуқтаи назарияи институтсионализм ва Лаффер тибқи назарияи таклифот дар асарҳояшон ба масъалаи мазкур равшани андохтаанд. Дар рисола асарҳои олимонӣ рус низ дар ҷарёни омӯзиши мавзуъ мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ масъалаҳои танзими сармоягузорӣ, ташаккули муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар чаҳорчӯбаи макро ва микроиқтисод аз ҷониби олимони ватанӣ низ таҳқиқ шудааст. Инчунин, асарҳои олимони ватанӣ, ки ба масъалаҳои назария, методологӣ ҷараёни институтсионалӣ дар шароити иқтисодиёти Тоҷикистон бахшида шудааст ба монанди академикон Т.Н. Назаров [31], Р.К. Рахимов [45], Х. Саидмуродов [50], Н.К. Каюмов [23], докторони илм Х.У. Умаров [55], Ш. Раҳимзода [41], Р. Саидмуродзода [52], А.Абдуғаффоров ва дигарон мебошад.

Масъалаҳои танзими фаъолияти инвеститсионӣ дар чаҳорчӯбаи макроиқтисодиёт, омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти он дар асарҳои олимон Х.Р. Исайнов [21], Т.Р. Ризозода [37], Х.Х. Хошимзода [57], М.М. Исмоилова [20] мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои гуногуни

муаммоҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт дар асарҳои илмии олимони ватанӣ М.М. Шарифзода [60], А.А. Бойматов [6], С.А. Ғозибеков [13], М.М. Исмоилов [19] ва дигарон низ пажуҳиш ёфтааст. Масъалаҳои ташаккули муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ аз ҷониби олимон Х. Нуруллоев [33], Б. Шарипов., Д. Дадоматов [18] ва дигарон таҳқиқ гардидааст.

Дар умум, муаммои танзими сармоягузорӣ, баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар адабиётҳои илмӣ асосан дар чаҳорчӯбаи иқтисодиёти миллӣ таҳлил карда шуда, вале таҳқиқи масъалаҳои фаъолнокии инвеститсионӣ дар асоси ба инобат гирифтани манфиатҳои минтақаҳо таҳқиқи ҷадид мехоҳад. Зарурати таҳқиқоти механизмҳои баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ бо тавассути самаранок истифодабарии имкониятҳои мавҷудаи минтақа масъалаи мубрам ва саривақтӣ мебошад, ки меҳвари таҳқиқоти моро ташкил медиҳад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур пеш аз ҳама бо бандҳои 3. “Таҳкими нерӯи инситутсионалии кишвар” зербанди 3.2. “Рушди минтақаҳо”., 5. Сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт, зербанди 5.4 Фазои сармоягузории Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Инчунин, бо Страртегияи рушди инноватсионии Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли  2025, Барномаи рушди иҷтимоии вилояти Суғд барои соли 2021-2025 мутобиқат дорад.

Рисолаи илмии мазкур мутобиқи нақшаи КИТ-и кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Ғанӣ гардонидани асосҳои назариявии фаъолнокии инвеститсионӣ дар минтақа, коркарди тавсияҳои илмӣ – амалӣ, бахри баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузории субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити модернизатсияи иқтисодиёти минтақа.

Барои амалӣ намудани мақсади мазкур, ҳалли вазифаҳои зерин дар таҳқиқот ба асос гирифта шудааст:

- таҳқиқи асосҳои назариявии сармоягузорӣ дар илми иқтисодиёти муосир.

- омӯзиши равияҳои методии таҳкими ҷалби сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа ва низомбандӣ намудани таҷрибаи хориҷии идоракунии сармоягузорӣ дар минтақа.

- арзёбии вазъи муосири сармоягузорӣ, дар асоси он муайян намудани тамоили рушди сармоягузорӣ дар вилояти Суғд.

- асоснок намудани таъсири ҳолат ва муаммоҳои сармоягузорӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа:

- коркарди амсилаи математикӣ-иқтисодӣ оид ба моделиронии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши сармоягузорӣ дар минтақа.

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ ва коркарди чораҳо оид ба такмили стратегияи ҷалби сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа.

**Объекти таҳқиқот.** Ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ, ки бо ҷараёнҳои ҷалби сармоягузорӣ, истифодабарии он, танзими фаъолияти сармоягузорӣ бахри баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт алоқаманд аст.

**Предмети таҳқиқот** самтҳои баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғдро фаро мегирад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии инвеститсионӣ, иқтидори истеҳсолиро афзоиш додан таъмин намудани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, мусоидат бахри баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ.

**Асосҳои назарияи таҳқиқот.** Асосҳои назарияи таҳқиқотро асарҳои фундаменталии олимони хориҷию ватанӣ оид ба сармоягузорӣ, муҳит ва ҷаззобияти инвеститсионӣ ташкил мекунад. Ҳамзамон Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегияю барномаҳои давлатӣ оид ба ташкил ва идоракунӣ, равандҳои инвеститсионӣ дар иқтисодиёти ватанӣ, таъмини самаранокии иқтисодӣ сармоягузорӣ, бохтҳои инвеститсионӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба ҳайси асосҳои назариявии таҳқиқот истифода шудаанд. Илова бар ин, дар раванди таҳқиқот маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, монографияҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ба сифати асосҳои методологӣ усулҳои зерини таҳқиқот истифода шудааст: услуби таҳлили мантиқӣ, оморӣ ва низомӣ. Илова бар он, дар рисола усулҳои эътирофгардидаи тахқиқот, яъне таҳлили омилӣ, индуксия, дедуксия, муқоисавӣ, интегралӣ, арзёбии экспертӣ, тамоилӣ, пешгӯикунӣ ва усулҳои кореллятсионӣ, регрессионӣ ва математикӣ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумотро** маводҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, маводҳои нашргардидаи иттилоотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудааст. Заминаи иттилоотиро маводҳои нашргардидаи расмии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд, мақомотҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳои он, санадҳои ҳуқуқии меъёрӣ оид ба татбиқи сиёсати инвеститсионии давлатӣ дар минтақаҳо ба вуҷуд овардааст. Асарҳои илмии олимони ватанӣ дар соҳаи сармоягузорӣ низ чун манбаи таҳқиқ хидмат кардаанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот маводҳои низомбандишудаи муаллиф, натиҷаҳои озмоиш ва арзёбии экспертӣ, манбаъҳои шабакаи интернет ва ғайра, истифода шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Рисола дар кафедраи иқтисодиёти корхона ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода карда шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар ғанӣ гардонидани назарияву консепсияҳои сармоягузорӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа равона карда шудааст.

Ба унсурҳои асосие, ки моҳияти навгониро инъикос мекунад инҳо мебошад:

- консепсияву назарияҳои сармоягузорӣ низомбандӣ карда шуда, дар асоси он ба мундариҷаи мафҳуми таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда тибқи он "сармоягузории минтақавӣ ин қобилияти умумии имкониятҳои молиявӣ - иқтисодии минтақа, роҳе ба истифодаи маблағгузорӣ, инчунин захираҳои молиявии берунаи ҷалбшуда барои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақа дар самти афзоиши фондҳои асосӣ, таҷҳизонидани техникӣ, таъмини такрористеҳолоти васеъ, ҷорӣ намудани ҷараёнҳои инноватсионӣ мебошад."

- услубҳои гуногуни арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа ба низом даровარда шуда, нишондиҳандаҳои арзёбӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст: - гурӯҳи аввал оид ба иқтидор ва теъдоди корхонаҳои истеҳсолӣ, мавҷудияти захираҳо ва инфрасохтори инноватсионӣ, қобилияти харидории аҳолӣ; - гурӯҳи дуюм, хавфҳо (молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ); - гурӯҳи сеюм, фаъолият (афзоиши МММ, даромаднокии аҳолӣ, ҷойҳои холии корӣ, сохтмон, маҳсулотҳои инноватсионӣ ва ғайра). Таъкид гардидааст, ки истифодаи усули маҷмуавии интегралӣ барои арзёбии сатҳи фаъолнокии инвеститсионӣ мувофиқи мақсад аст.

- исбот карда шудааст, ки фаъолнокии сармоягузорӣ ба тавассути меъёри сатҳи маҳсулнокии меҳнат бештар арзёбӣ карда мешавад. Тибқи он минтақаҳои ҷумҳурӣ гурӯҳбанди гардидааст: - гурӯҳи пешқадам (ш. Душанбе, в. Суғд), сатҳи миёна (в. Хатлон), ақибмонда (ВМКБ ва НТҶ) ворид карда шудааст. Аз рӯи меъёри мазкур сатҳи фаъолнокии

сармоягузории шаҳру ноҳияҳои в. Суғд, муайян гардидааст. Сатҳи пешқадам (ш. Гулистон, ш. Бӯстон, ш. Панҷакент, н. Айнӣ, н. Б.Ғафуров); сатҳи миёна (ш. Хуҷанд, ш. Истиқлол ш. Истаравшан, ш. Исфара, н. Ашт, н. Спитамен); ақибмонда (н. Деваштич, н. Зафаробод, ш. Конибодом, н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Мастчоҳ, н. Ҷ. Расулов, н. Шаҳристон).

- муайян карда шудааст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) тамоили ноустувор дорад. Асоснок гардидааст, ки барои ҷалби СМХ дар ноҳияҳои Ашт, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон зарурати ҷиддӣ, ниёз ва иқтидори хуб доранд. Аз рӯи меъёри сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ шаҳру ноҳияҳои вилоят гурӯҳбандӣ карда шудааст. Тибқи он: гурӯҳи пешқадам (н. Б.Ғафуров, ш. Панҷакент, ш. Хуҷанд); сатҳи миёна (ш. Гулистон, Истиқлол, Исфара, Конибодом, н. Ҷ. Расулов, н. Ашт); ақибмонда дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят мебошад, ки бояд минбаъд дар сиёсати иқтисодии минтақа сармоягузорӣ ба фонди асосии онҳо афзалият пайдо кунад.

- амсилаҳои таъсири омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҷараёни фаъолнокии сармоягузорӣ дар в. Суғд тахия ва дар асоси он сатҳи таъсиррасонии омилҳо муайян гардидааст. Муайян карда шудааст, ки дар шароити муосир дар байни омилҳо тамоилот дар соҳаи хизматрасонӣ накши назаррасро дошта, пас аз он МММ ба ҳар сари аҳолӣ мавқеи дуввумро дорад. Амсилаи бисёромилаи ҷалби СМХ низ коркард ва пешниҳод гардидааст, ки тибқи он сатҳи рушди иқтисодиёт омили калидӣ мебошад. Дар ин радиф сатҳи таъсири индекси нархҳои истеъмолӣ низ таҳқиқ карда шудааст, ки он назаррас ва қимати манфиро дорост.

- тавассути истифодаи функсияи Кобба - Дугласа таъсири фаъолияти сармоягузорӣ микдоран ба рушди иқтисодиёти в. Суғд муайян карда шудааст. Исбот гардидааст, ки дар шароити муосир ҳиссаи меҳнат нисбат ба сармоя дар таъмини рушди иқтисодӣ бештар аст, ки эътимоднокии воқеӣ дорад. Зеро ғунҷоиши меҳнат дар истеҳсолоти молҳои минтақа хеле кам ба назар мерасад. Дар ин радиф самаранокии инвеститсияҳо дар шаҳру

ноҳияҳои вилоят муайян гардидааст, ки тибқи он сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Гулистон, Б. Ғафуров, Айнӣ, Панҷакент, Хуҷанд сатҳи қаноатбахш дошта, дар дигар шаҳру ноҳияҳо беҳбудӣ металабад.

механизмҳои ташкилӣ-идоракунӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар самтҳои зерин коркард ва пешниҳод гардидааст: - эҳё намудани муҳити мусоид барои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақа; - ташаккул ва инкишофи шарикии давлатии хусусӣ дар амалӣ намудани лоиҳаҳои институтсионалӣ; - амалӣ намудани мониторинги доимии давлатӣ оид ба мақсаднок истифода намудани захираҳои инвеститсионӣ; - такмили асосҳои институтсионалӣ оид ба ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ дар иқтисодиёти минтақа.

**Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

- таҷдиди назар оид ба мундариҷаи мафҳуми “сармоягузории минтақавӣ” ва таҳқиқи консепсияву назарияҳои сармоягузорӣ.

- гуруҳбандӣ ва низомбандии нишондодҳо, инчунин услубҳои гуногуни арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа .

- исбот намудани натиҷаи асосии фаъолнокии сармоягузорӣ дар шароити муосир, ҳамзамон арзёбии фаъолнокии сармоягузорӣ дар минтақа ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд.

- муайян кардани иқтисодиёти минтақаҳо, ваъзи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) ва сармоягузорӣ ба фондҳои асосии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд.

- коркарди амсилаҳои таъсири омилҳои иқтисодиву иҷтимоии ба ҷараёни фаъолнокии сармоягузорӣ дар в. Суғд, муайян кардани рейтинги таъсиррасонии омилҳо ва коркарди амсилаи бисёромилаи ҷалби СМХ.

- исбот намудани сатҳи таъсири фаъолияти сармоягузорӣ ба рушди иқтисодиёти в. Суғд бо тавассути истифодаи функсияи Кобба - Дугласа ва муайян кардани боздиҳии сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақа.

- коркард ва пешниҳод намудани низоми чорабиниҳои ташкилӣ-идоракунӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақа.

**Аҳаммияти назариявии** рисола дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ, ки дар кори диссертатсионӣ таҳия гардидааст, барои мукаммал намудани асосҳои назариявии сармоягузорӣ, назарияи иқтисодиёти минтақа, ҷанбаҳои илмии таъмини муҳити инвеститсионӣ мусоидат менамояд. Хулоса ва тавсияҳои коркардгардида барои вусъатдиҳии фаъолияти инвеститсионӣ дар самти рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона гардидааст. Инчунин, пешниҳодҳои таҳияшудаи рисола дар ҷараёни коркарди стратегияҳою барномаҳои давлатӣ оид ба танзими фаъолияти инвеститсионӣ аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад истифода бурда шавад. Аз ҷумла, муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ дар коркарди санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ оид ба танзими равандҳои инвеститсионӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои рушди раванди сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳо истифода хоҳад гардид.

**Аҳаммияти амалӣ.** Дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Сарраёсати саноати вилояти Суғд, Раёсати рушди иқтисод, савдо ва мониторинги вилояти Суғд, (санади татбиқ аз 18.10.2024, №286). Сарраёсати сармоягузорӣ ва зидди инҳисории вилояти Суғд дар самти вусъат додани фаъолнокии инвеститсионӣ дар миқёси вилояти Суғд истифода карда шудааст.

Илова бар он, маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни такмил додани барномаҳои таълими фанҳои идоракунии лоиҳаҳои инвеститсионӣ, менеҷменти молия, микроиқтисодиёт, макроиқтисодиёт, иқтисодиёти минтақа истифода гардидааст. (санади татбиқ аз 15.02.2025, №48.).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** хулоса, муқаррароти илмӣ ва тавсияҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ корокард гардидаанд, ба вазъи иқтисодиёти ватанӣ, ба ақидаҳои илмии олимони ватанӣ мутобиқат доранд. Инчунин, таҳлилҳои анҷомдодашуда дар арзёбии муаллиф бо назардошти истифодабарии омории расмӣ, маводҳои ҳисоботи расмӣ ба даст оварда шудааст, ки эътимоднокии таҳқиқотро инъикос менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), алалхусус ба бандҳои зерин: 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Мушкилотҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо; Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо; Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ; Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ; Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар ҷамъоварии маводҳои илмӣ, додаҳои оморӣ, интихоби мавзуъ, мураттаб сохтани номгӯи вазифаҳо ва мақсади таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асоснок намудани заминаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқот, ҳалли масъалаҳои гузоштащудаи таҳқиқот, нашри мақолаҳо, иштирок дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, гузориш дар семинарҳо, мизи мудаввар ва дигар чорабиниҳое, ки бо иҷрои диссертатсия алоқаманд аст, зоҳир мегардад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуқтаҳои асосӣ ва хулосаҳои илмии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ-амалии «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот бахри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ»

(Хуҷанд, 2019); конференсияи илмӣ-назариявии «Саноатикунонии босуръат – асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ» (Хуҷанд, 2021); конференсияи илмӣ-амалии «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» (Хуҷанд, 2020); форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Хуҷанд, 2020); конференсияи илмӣ - назариявии байналмилалӣ «Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо»; (Хуҷанд, 2024); конференсияи илмӣ-амалии «Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ» (Хуҷанд, 2019); мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳо интишор гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Рисола 167 саҳифа, аз ҷумла 32 ҷадвал ва 5 расмро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар боби аввал** - "Асосҳои илмӣ - назариявии рушди стратегияи сармоягузорӣ дар минтақаҳо" - асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии сармоягузорӣ дар минтақа баррасӣ гардидааст.

Сармоягузорӣ дар иқтисодиёти муосир нақши муҳим буда, омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ мебошад. Зеро сармоягузорӣ маънои зиёдшавии ҷойҳои корӣ, модернизатсияи техникаву технология, афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд гардонидани фаъолнокии иқтисодиро инъикос менамояд. Сармоягузории оқилона тамоми масъалаҳои рушдро дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ба назар мегирад ва ба ин васила барои рушди иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Муайян кардани

таърифи сармоягузорӣ асоси назариявии ҳар як консепсияи тараққиёфтаи иқтисодиёт мебошад..

Дар амалияи аврупоӣ истилоҳи «сармоягузорӣ» сермаъно шуда, ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо коғазҳои қиматнок бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайяни молиявӣ харида мешаванд ва инчунин ин истилоҳ дороиҳои воқеиро, яъне (сохторҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғайра) истеҳсоли мол ва фурӯхтани онро ифода мекунад.

Дар таҷрибаи амрикоӣ вақте, ки сухан оид ба сармоягузорӣ меравад, бештар маблағгузориро ба амволи ғайриманқул маънидод менамояд, илова бар он «сармоягузорӣ»-ро бо «маблағгузорӣ» баробар мешуморад.

Мактаби иқтисодии Австрия сармоягузориро ҳамчун мубодилаи қонеъ кардани ниёзҳои имрӯза, барои қонеъ кардани онҳо дар оянда, вале ба миқдори зиёд тавсиф мекунад. Иқтисоддони фаронсавӣ Массе П. навиштааст, ки тавсифоти умумие, ки ба санади сармоягузории сармоя дода мешавад, чунин аст: "Сармоягузорӣ амали мубодилаи қаноатмандӣ дар оянда бо ёрии молҳои сармоягузорӣ мебошад". Иқтисодшинос Кейнс Ҷ. М. ҳангоми муайян кардани талабот ба сармоягузорӣ, арзёбии ду омилро пешбинӣ менамояд: - самараи ниҳоии сармоя ва мизони фоиз. Умуман олимон ва иқтисоддонҳо то ҳол дар бораи моҳияти сармоягузорӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ ихтилофи назар доранд. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тафсирҳои гуногуни таърифи сармоягузорӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ мавҷуданд, ки аксаран танҳо як ҷанбаи ин мафҳуми мураккабро тавсиф намуда, тавзеҳи мукаммал намедиҳанд (ҷадвали 1.2.).

**Ҷадвали 1.2.**

**Таҳқиқи мафҳуми сармоягузорӣ**

| | Сарчашма |
|---|---|
| Сармоягузорӣ – маблағгузории сармоя дар шакли пулӣ, шаклҳои моддӣ ва ғайримоддӣ дар объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани даромади ҷорӣ ё таъмини афзоиши арзиши он дар давраи оянда мебошад. | Бланк И.А [5, С.203]. |
| Сармоягузорӣ пулро ифода мекунад, ки имрӯз барои ба даст овардани фоидаи оянда сарф менамояд. | Боди З., Кейн А., Маркус А. Дж. [8, С. 25]. |

*Идомаи ҷадвали 1.2.*

| | |
|---|---|
| Сармоягузорӣ маънои онро дорад, ки "имрӯз маблағ ҷудо кардан бо мақсади дар оянда гирифтани маблағи зиёдтар” | Шарп У. Ф., Александр Г. Д., Бейли Дж. [59, С. 1]. |
| Сармоягузорӣ ҳаракати маблағҳо дар ҷамъияти капиталистӣ, умуман мақсади зиёд кардани сармояро дорад. | Маркс К. Г. [29, С. 158]. |
| Сармоягузорӣ на танҳо фоида меорад, инчунин арзиши пулро низ нигоҳ медорад, зеро «арзиши пули нақдро таваррум «хӯрда» метавонад» | Гитман Л. Дж., Джонк М. Д. [14, С. 10]. |
| Сармоягузорӣ шакли фаъолтарини ҷалби маблағи ҷамъшуда ба раванди иқтисодӣ мебошад, дар ҳоле ки сармоя ба ҳама гуна тиҷорат ё дигар фаъолият, дар соҳаҳои гуногуни саноат ва соҳаҳои иқтисодиёт гузошта мешавад | Балабанов В. С., Дмитриева Е. В. [9, С. 103-107]. |
| Сармоягузорӣ пули нақд, амвол ва арзишҳои зеҳнии давлат мебошад, ки шахсони алоҳида барои барпо намудани корхонаҳои нав, васеъ кардан ва аз нав таҷҳизонидан бо техникаю технология, хариди амволи ғайриманкул, саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматнок ва дороиҳо бо мақсади ба даст овардани фоида (ва) ё дигар таъсири мусбат мерасонад. | Сергеев И.В., Веретенникова И.И. [52, 560 с]. |
| Сармоягузорӣ ин сармоягузории маблағҳо, фондҳо, маблағгузории ба намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он бо мақсади ба даст овардани фоида равона шудааст. | Комилов С.Дж., Гафаров М.М. [24, С. 10 - 17]. |
| Сармоягузорӣ ин маблағгузориест, ки барои корхонаҳои як давлати мушаххас нигоҳ дошта тавозун дар бозор, фоида ба даст оварда ва ба ин васила рушди устувори минбаъдаи худ ва умуман, иқтисодиёти кишварро таъмин менамояд. | Тагоев Дж.Х. [53, С. 50 - 55]. |
| Сармоягузориҳо ин хароҷоти субъектҳои хоҷагидор оид ба моликияти ғайриманқул, моликияти зеҳнӣ ва дороиҳои молиявӣ мебошанд, ки бо мурури замон ба натиҷаҳои мусбат ё манфӣ дар шакли даромад ё зиён оварда мерасонанд. | Узакова, Г.М. [55, 28 с]. |
| Сармоягузорӣ ин селаҳои маблағҳои пулӣ барои дастрас ё ин ки афзоиши амволи манқул ва ғайриманқул, қоғазҳои қиматнок, бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад. | Ризокулов Т.Р. [37, С. 208]. |
| Сармоягузорӣ ин - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида равона карда шудааст. | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” [3]. |

*Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст*

Ҳамин тариқ, баъзе муаллифон сармоягузориро ҳамчун хароҷоти сарфшуда ё ҳамчун сармоягузорӣ баррасӣ мекунанд. Камбудии ин равиш тавсифи омории хароҷот ё захираҳо ҷудо карда, ба марҳилаи алоҳидаи ҳаракати сармоягузорӣ афзалият дода мешавад: истеҳсолот ё пулӣ.

Муаллифони дигар категорияҳои «сармоягузорӣ» ва «маблағгузориро» баробарарзиш медонанд. Аммо мафҳуми

«сармоягузорӣ» аз мафҳуми «маблағгузорӣ» аст, зеро сармоягузориро метавонанд на танҳо барои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ, балки барои бунёди корхонаҳои нав, афзоиши дороиҳои ғайримоддӣ, ғанӣ гардонидани захираҳои иттилоотӣ, дастрасӣ ба коғазҳои қиматнокро дар назар дорад. Бинобар ин,  маблағгузориро ҳамчун яке аз қисми таркибии сармоягузорӣ фаҳмидан мумкин аст. Дар натиҷаи баррасии ақидаи гуногуни олимон дар асоси низомбандии онҳо сармоягузориро нисбат ба иқтисодиёти минтақа мехостем баррасӣ намоем.

"Сармоягузории минтақавӣ - ин қобилияти умумии имкониятҳои молиявии иқтисодии худӣ ва инчунин захираҳои ҷалбшудаи минтақа мебошад, ки аз рӯи ҳадафҳо ва равишҳо сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, барои афзоиши фондҳои асосӣ, таҷҳизонидан бо техника ва технологияи нав, таъмини такрористеҳоли васеъ, амалӣ намудани ҷараёнҳои инноватсионӣ равона карда мешаванд, мебошад."

Вақтҳои охир таҳлили ҷалби сармоягузорӣ ба мавзуи тадқиқоти фаъоли илмӣ табдил ёфтааст. Масъалаи таъмини методолог таҳлили ҳамаҷонибаи ҷалби сармоягузорӣ на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ низ ҷолиб аст. Таҳияи  методологияи арзёбии самтҳо ва натиҷаҳои имконпазири рушд, пешниҳодҳо оид ба тадбирҳои ҳамоҳангсозӣ ва танзими зарурӣ  аҳамияти бештар дорад.

Муҳити сармоягузории минтақа маҷмуи омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, табиӣ, экологӣ, сиёсӣ ва ғайра мебошад, ки дар шароити муайян тули солҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд ва ба сатҳи  сармоягузорӣ дар минтақаи муайян таъсир мерасонанд. Муҳити сармоягузорӣ аз ду унсур иборат аст: ҷ сармоягузории минтақа ва фаъолияти сармоягузорӣ дар ин минтақа.

Фаъолияти сармоягузории дохилиминтақавӣ (фаъолияти сармоягузории минтақавӣ) аз шиддатнокии ҷалби сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар минтақа вобаста аст. Фаъолияти сармоягузорӣ бо нишондиҳандаҳои маҷмуӣ андозагирӣ карда мешавад.

Дар умум, нишондиҳандаҳои асосии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа нишондиҳандаҳои зерин мебошанд: захираҳо ва ашёи хом (сарватҳои табиӣ); иқтидори истеҳсолот (теъдоди субъектҳои хоҷагидорӣ); истеъмолкунандагон (қобилияти харидории аҳолӣ); инфрасохтори соҳавӣ; мавқеи иқтисодию ҷуғрофии минтақа; иқтидори зеҳнӣ (тавоноии фикрӣ); ниҳодҳои бозорӣ; сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ (дастовардҳои илмию техникӣ) ва ғайра, ки дар расми зер инъикос ёфтаанд.




***Расми 1.2.2 – Нишондиҳандаҳои асосии арзёбии иқтидори сармоягузорӣ дар минтақа***

Барои ҳар як субъекти хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти минтақа фаъолияти сармоягузорӣ раванди муҳим ба ҳисоб меравад, зеро ин ҳадаф барои дастрасӣ ва беҳтар намудани мундариҷаи нишондиҳандаҳои зерини минтақавӣ бояд мусоидат намояд:.

**Нишондиҳандаҳои натиҷаи ниҳоии сармоягузорӣ**

- Муомилоти моли чакана ба ҳар сари аҳолӣ;
- Ҳаҷми хизматрасонӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- Даромади умумӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- Синну соли миёнаи аҳолӣ;
- Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ;
- Шумораи қувваи корӣ;
- Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол;
- Шумораи бақайдгирифташудаи ҷиноятҳо;
- Маҳсулоти умумии минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ;
- Шумораи корхонаҳо, ташкилотҳо дар минтақа;
- Шумораи субъектҳои соҳибкории хурд дар минтақа;
- Миқдори корхонаю ташкилотҳои барҳамдодашуда;
- Ҳаҷми маҳсулоти саноат ба ҳар сари аҳолӣ;
- Истеҳсоли молҳои сермасриф ба ҳар сари аҳолӣ;
- Истеҳсолоти кишоварзӣ;
- Корҳои сохтмонӣ.

Акнун ба марҳилаи навбатии таҳияи модели сармоягузорӣ мегузарем, ки он аз арзёбии дараҷаи таъсири ҳар як омил, вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи эҳтимолии онҳо иборат аст. Нишондиҳандаҳои интихобшударо, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ таъсир мерасонанд, таҳлил намуда, номгӯи муҳимтарини онҳоро тартиб додан лозим аст.

Ба инкишофи иқтидори сармоягузорӣ, инчунин дар амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ омилҳои хеле зиёди дохилӣ ва берунӣ таъсири назаррас мерасонанд. Аз ҷумла, иқтидори инноватсионии минтақа; захираҳои зеҳнии аҳолӣ; таъминнокӣ бо инфрасохтор; мавҷудияти захираҳои истеҳсолӣ; муҳити иқтисодӣ - сиёсӣ; ҳолати қонунгузорӣ дар мамлакат ва ғайра.[27]

Инчунин, хавфи сармоягузорӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини фазои фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад. Он эҳтимоли аз даст додани сармоягузорӣ ва даромадро нишон медиҳад.

Хавфи молиявии минтақа ҳам аз рӯи тавозуни умумии қарзи байни минтақа ва буҷети ҷумҳурӣ ва ҳам аз рӯи қарзи дохилии байниҳамдигарии корхонаҳои минтақа тавсиф мешавад. Хавфи иқтисодии минтақа, пеш аз ҳама, бо сохтори иқтисоди минтақа муайян карда мешавад. Хавфи иҷтимоии минтақа имконияти ба вуҷуд овардан ва тараққӣ додани истеҳсолотро бо ҷалб намудани қувваи нави меҳнатӣ муайян мекунад. Хавфҳои иттилоотӣ ҳамаи намудҳои хавфҳои дар боло зикршударо фаро мегиранд ва асосан аз сатҳи рушди низоми иттилоотӣ ва механизми иттилоотии фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақа вобастаанд.

Таҳқиқот ва амалия нишон дод, ки байни мақсади сармоягузорӣ, манбаъҳои сармоягузорӣ, усулҳои сармоягузорӣ ва усулҳои чалби сармоягузорӣ алоқаи зич мавҷуд аст. Бо дарназардошти ин вобастагӣ мо имкон дорем, ки сиёсати муассиртари сармоягузориро таҳия кунем. Сармоягузорон на танҳо ба худи объектҳо, балки ба чӣ гуна истифода шудани ин объектҳо, инчунин захираҳои дар минтақа мавҷуда, ки дар тавсифи умумии ҷаззобияти сармоягузории минтақа инъикос ёфтаанд, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯи фазои мусоиди сармоягузорӣ онҳоро ба категорияҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

1. Шароити ибтидоии ворид шудан ба бозори минтақавӣ, шароити объективӣ ва субъективиеро муайян мекунад, ки дар оғози ислоҳот ба миён меояд,  ба раванди табдилдиҳӣ мусоидат мекунад ё монеъ мешавад.

2. Баррасии стратегия ва тактикаи ислоҳоти маҳаллӣ. Дар ҳар минтақа ба самтҳои асосии сармоягузорӣ эътибори ҷиддӣ додан лозим аст.

3. Самаранокии ислоҳот ва мутобиқ будани муносибатҳои тиҷоратии минтақавӣ, мавқеи минтақаро дар истеҳсоли ашёи хом, омодагии он ба

тағйироти минбаъда ва имкони тағйир додани муҳити сармоягузорӣ муайян мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар кишвар самаранок истифода бурдани сармояи хориҷӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани сиёсати мушаххаси давлат, ки ҷалби сармояро барои рушди истеҳсолот дар соҳаҳои афзалиятнок ҳавасманд мекунад, имконпазир аст. Дар он кишварҳое, ки танзими давлатӣ дар ҷалби қарзҳои хориҷӣ пешбинӣ нагардидааст, қисми зиёди даромади аз содирот гирифташударо танҳо барои хизматрасонии солонаи қарзи беруна сарф менамоянд. Масалан, ҳиссаи маблағҳо аз фонди асъорӣ барои баргардонидани қарзи хориҷӣ (бо фоиз) дар содироти умумии Уганда 77%, дар Ал-Ҷазоир 68,1%, Колумбия 49,9%, дар Мексика 39,6%-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, кишварҳое, ки тибқи барномаи давлатӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ бештар сармояи хориҷиро истифода намуданд, барои рӯйпӯши қарзи беруна аз фонди асъориашон ҳиссаи ночизеро ҷудо менамоянд. Масалан, Хитой - 9,8 фоиз, Кореяи Ҷанубӣ - 11,4 фоиз.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мукаммал ва самараноки ҷалб ва истифодаи қарзҳои хориҷӣ, интихоби лоиҳаҳои беҳтарини сармоягузорӣ, муайян намудани афзалиятҳои рушд, такмили қонунгузории маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва андозиро метавонем ба амал ҷорӣ намоем.

**Дар боби дуюм - “**Ҳолат ва муаммоҳо дар таҷдиди фаъолияти сармоягузории вилояти Суғд” - вазъи муосир ва тамоили сармоягузорӣ, таъсири он ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, моделиронии омилҳои таъсиррасон ба афзоиши сармоягузорӣ дар вилояти Суғд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо зарурати баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузории субъектони хоҷагидорӣ ва муҳайё намудани шароити мусоиди ҷаззобияти сармоягузориро ба минтақа талаб менамояд. Натиҷаи сармоягузорӣ бошад, дар навбати худ, мазмуну

мундариҷаи бештари нишондиҳандаҳои иқтисодиро инъикос мекунад. Аз ҷумла, дар сатҳи рушди иқтисодии минтақа тағйирот дар ҳаҷми истеҳсолоти молу маҳсулот, афзоиши корхонаҳои ватанӣ, коҳишёбии корхонаҳои зараровар, афзоиши ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани сатҳи фоиданокии фаъолияти корхонаҳо ва ғайра. Илова бар нишондиҳандаҳои зикргардида, дар ҷараёни тадқиқи сармоягузорӣ омӯзиш ва таҳқиқи тағйирёбии маҳсулнокии меҳнат дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа самараи назаррас медиҳад, зеро баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ аст. Чӣ тавре ки иқтисоддонони классикӣ таъкид менамоянд, маҳсулнокии меҳнат то кадом андоза ба сатҳи баланд бардошта шуда бошад, ҳамон қадар индикаторҳои иҷтимоии минтақа беҳтар мегарданд.

Дар шароити имрӯза вазъи маҳсулнокиро дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят баррасӣ намудан имконнопазир аст, зеро дар сарчашмаҳои омории минтақавӣ ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшударо дарёфт намудан ғайриимкон аст, яъне дар сомонаҳо ва саҳифаҳои матбуот ба нашр намерасад. Вале иттилоот оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тибқи шаҳру ноҳияҳои вилоят мавҷуд аст. Бинобар ин, мо аз усули “абстраксияи илмӣ” истифода бурда, тавассути арзёбии маҳсулнокии меҳнат дар саноати шаҳру ноҳияҳо ба вазъи умумии иқтисодиёти онҳо баҳогузорӣ менамоем.

Дар ин раванд нишондиҳандаи маҳсулоти умумӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба маҳсулоти саноатии онҳо ва нишондиҳандаи теъдоди умумии одамони машғул дар минтақа, ба теъдоди кормандони соҳаи саноат иваз карда шуд. Факту рақамҳои оморӣ ва ҳисоби нишондиҳандаи маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи саноати шаҳру ноҳияҳо дар ҷадвали 2.1.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.3.**

**Маҳсулнокии истеҳсоли молҳои саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд | Солҳо | | | | | | Муқоиса шохиси маҳсул. меҳнат | Рейтинги шаҳру ноҳияҳо тибқи маҳсул. дар саноат |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | | | 2023 | | | | |
| | Маҳс. умумии саноат (млн. сомонӣ) | Шуғли аҳолӣ дар саноат (ҳаз.наф) | Маҳсулнокии меҳн. (ҳаз. сомои) | Маҳс. умумии саноат (млн. сомон) | Шуғли аҳолӣ дар саноат ҳаз. наф.) | Маҳсулнокии меҳн. (ҳаз. сомон) | | |
| Айнӣ | 956 | 18,7 | 51,12 | 4330,3 | 20,1 | 215,4 | 3,20 | 2 |
| Ашт | 194,7 | 15,7 | 12,40 | 400,4 | 16,7 | 24,0 | 0,362 | 10 |
| Б.Ғафуров | 652,7 | 31 | 21,05 | 5158,3 | 33,7 | 153,1 | 2,27 | 3 |
| ш. Бӯстон | 86,2 | 5,6 | 15,39 | 673,6 | 6,6 | 102,1 | 1,51 | 4 |
| ш.Гулистон | 4082,9 | 10,4 | 392,59 | 4056,9 | 10,2 | 397,7 | 5,90 | 1 |
| Деваштич | 31,2 | 25,4 | 1,23 | 118,9 | 30,9 | 3,8 | 0,06 | 17 |
| Зафаробод | 130,8 | 16 | 8,18 | 415,9 | 16,9 | 24,6 | 0,37 | 8 |
| ш. Истаравшан | 337 | 49,4 | 6,82 | 1090,3 | 49,9 | 21,8 | 0,32 | 11 |
| ш.Истиқлол | 11,6 | 1,4 | 8,29 | 30,9 | 1,2 | 25,8 | 0,38 | 7 |
| ш.Исфара | 323,7 | 32,2 | 10,05 | 630,8 | 31,5 | 20,0 | 0,30 | 12 |
| Конибодом | 136 | 14,7 | 9,25 | 365,3 | 21,9 | 16,7 | 0,25 | 14 |
| н. Кух. Мастчоҳ | 1,5 | 8,5 | 0,18 | 29,8 | 9,4 | 3,2 | 0,05 | 18 |
| Мастчоҳ | 173 | 34,6 | 5,00 | 480,6 | 37,2 | 12,9 | 0,19 | 15 |
| ш.Панҷакент | 2475,1 | 47,9 | 51,67 | 5025,3 | 51,7 | 97,2 | 1,44 | 5 |
| Спитамен | 226,3 | 19,9 | 11,37 | 667,4 | 27,5 | 24,3 | 0,365 | 9 |
| ш.Хуҷанд | 787,9 | 40,7 | 19,36 | 1912 | 40,8 | 46,9 | 0,70 | 6 |
| Ҷ. Расулов | 106 | 23 | 4,61 | 431,9 | 24,5 | 17,6 | 0,26 | 13 |
| Шаҳристон | 21,9 | 6,8 | 3,22 | 47 | 7,8 | 6,0 | 0,09 | 16 |
| Ба ҳисоби миёна | - | - | 26,7 | | | 67,4 | | |

*Идомаи ҷадвали 2.1.3*

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С.11, – С.84, – С.179, – С.187*

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи саноат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мухталиф мебошад. Боиси таъкид аст, ки дар 7 соли охир маҳсулнокии меҳнат қариб дар ҳама шаҳру ноҳияҳо миқдоран назаррас афзоиш ёфтааст. Масалан, соли 2016 дар ноҳияи Айнӣ маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи саноат ба ҳар як нафар аҳолии машғули кор 51,12 сомониро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда соли 2023 ба 215,4 сомонӣ расида, афзоиши маҳсулнокӣ 4,2 маротиба зиёд шудааст. Умуман, дар ҳама шаҳру ноҳияҳо миқдоран ҳаҷми маҳсулнокии меҳнат нисбат ба соли 2016 афзоиш ёфтааст. Дар натиҷаи муқоисаи шохиси маҳсулнокии меҳнат бо сатҳи миёнаи умумивилоятӣ тавассути ҷадвали

мазкур рейтинги шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи саноат муайян карда шуд (ҷадвали 2.1.4).

**Ҷадвали 2.1.4.**

**Гурӯҳбандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи махсулнокии меҳнат дар соли 2023**

| Мавқеъ | Меъёр | 2023 |
|---|---|---|
| **Сатҳи баланд** | **Аз шохиси 1,0 баланд** | ш.Гулистон,ноҳияҳои Айнӣ ва Б.Ғафуров, ш. Бӯстон ш.Панҷакент |
| **Сатҳи миёна** | **Дар худуди шохиси аз 0,3 то 1,0** | ш.Хуҷанд, ш.Истиқлол, н. Ашт, ш. Истаравшан, ш.Исфара, н. Спитамен |
| **Сатҳи паст** | **Аз нисфи ҳисоби миёна паст (аз 0,3 кам)** | н. Деваштич, н. Зафаробод, н. Конибодом, н. Куҳ. Мастчоҳ, н. Мастчоҳ, н. Ҷ. Расулов, н. Шаҳристон |

Ҳиссаи сармоягузорӣ дар ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти минтақа яке аз нишондиҳандаи асосие ба ҳисоб меравад, ки ба арзёбии вазъи сармоягузорӣ дар минтақа имкон медиҳад. Дар ин самт факту рақамҳои оморие, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ баррасӣ менамоем.

**Ҷадвали 2.1.5.**

**Ҳиссаи сармоягузорӣ дар ММД-и минтақаҳои ҷумҳурӣ (%)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 15,8 | 14 | 15 | 14,4 | 15,8 |
| ВМКБ | 24,2 | 34,6 | 39,8 | 45,6 | 72,37 |
| в. Суғд | 8,5 | 6,1 | 6,5 | 8,1 | 10,60 |
| в. Хатлон | 13,3 | 10,9 | 14,2 | 9,7 | 8,26 |
| ш. Душанбе | 21,4 | 21 | 25,1 | 21,2 | 20,74 |
| НТҶ | 38 | 32,6 | 24,5 | 28,1 | 30,70 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: Агентии омори назди Прездентии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 214; - С. 291.;*

Дар миқёси ҷумҳурӣ, инчунин дар минтақаҳои он низ ҷалби сармоягузорӣ тамоюли гуногун дорад. Масалан, дар сатҳи ҷумҳурӣ дар соли 2023 он 15,8 фоизро ташкил кардааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба

соли 2019 қариб тағйир наёфтааст, вале нисбат ба дигар солҳо тамоюли афзоиш дорад. Дар МММ вилояти Суғд соли 2023 ҳамагӣ 10,6 % ташкил кардааст, ки нисбат ба солҳои қаблӣ тамоюл ба афзоиш дорад. Агар ба тарзи умум арзёбӣ намоем, дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ тақрибан чунин гуна тамоюлотро мушоҳида кардан мумкин аст.

Васеъ намудани ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт, истифодаи ҳам сарчашмаҳои дохилӣ ва ҳам сарчашмаҳои берунии сармоя яке аз заминаҳои муҳим дар барқарор намудани иқтидори истеҳсолии субъектони хоҷагидорӣ мегардад. Дар марҳилаи муосир дар баланд бардоштани сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) ду равия аҳамияти аввалиндараҷа дорад: 1. Сатҳи кушоди иқтисодиёт нисбат ба дигар давлатҳои хориҷӣ; 2. Эҳё намудани муҳити мусоиди сармоягузорӣ дар дохили кишвар.

Дар солҳои охир дар сатҳи ҷумҳурӣ ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ аҳамияти хоса дода мешавад. Вазъи ҷалби СМХ дар миқёси вилояти Суғд дар солҳои охир дар ҷадвали 2.2.1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.1.**

**Маълумот дар бораи сармояи мустақими хориҷӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳаз. доллар | % | млн. доллар | % | млн. доллар | % | млн. доллар | % |
| Ҳамагӣ | 803,4 | 100 | 734,6 | | 812 | | 751,3 | 100 |
| Айнӣ | 56,4 | 7,02 | 77,8 | 10,59 | 106,7 | 13,14 | 121,9 | 16,2 |
| Ашт | - | | - | | - | | - | - |
| Б.Ғафуров | 105,1 | 13,1 | 97,3 | 13,25 | 75 | 9,24 | 71,1 | 9,5 |
| Бӯстон | 9 | 1,12 | 9 | 1,23 | 9,6 | 1,18 | 10,3 | 1,4 |
| Гулистон | 269,7 | 33,5 | 189,6 | 25,81 | 286,3 | 35,26 | 284,4 | 37,9 |
| Деваштич | 0,02 | 0,00 | 0,02 | 0,00 | 0,02 | 0,00 | 0,02 | 0,0 |
| Ҷ. Расулов | 3,8 | 0,47 | 3,9 | 0,53 | 3,9 | 0,48 | 42 | 5,6 |
| Зафаробод | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Истаравшан | 20,2 | 2,51 | 21,2 | 2,89 | 21,1 | 0,30 | 21,1 | 2,8 |
| Истиқлол | 2,4 | 0,30 | 1,9 | 0,26 | - | - | - | |
| Исфара | 5,8 | 0,72 | 5,8 | 0,79 | 6,1 | 0,75 | 6,1 | 0,8 |
| Конибодом | 16,6 | 2,07 | 16,6 | 2,26 | 16,5 | 2,03 | 16,5 | 2,2 |
| Кӯҳ.Мастчоҳ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Мастчоҳ | 0,4 | 0,05 | 0,4 | 0,05 | | 0,00 | | 0,0 |

*Идомаи ҷадвали 2.1.1.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Панҷакент | 238,1 | 29,6 | 238,1 | 32,41 | 208,9 | 25,73 | 169,2 | 22,5 |
| Спитамен | 1,6 | 0,20 | 1,6 | 0,22 | 1,6 | 0,20 | 1,6 | 0,2 |
| Хуҷанд | 74,3 | 9,25 | 71,3 | 9,71 | 76,28 | 9,39 | 81,1 | 10,8 |
| Шаҳристон | - | - | - | - | - | - | - | - |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С.-395 - 418.*

Ҷалби СМХ хусусияти нобаробар ва характери гуногунҷанбагӣ дорад. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи воридшавии СМХ мавқеи пешқадамро дар соли охири мавриди баррасӣ, яъне соли 2023, дар умум, шаҳри Гулистон-37,9 %, шаҳри Панҷакент-22,5 %, ноҳияи Айнӣ-16,2 % ишғол карда, ба сегонаи аввал дохил мешавад. Бо ибораи дигар гӯем, ҳаҷми вориди СМХ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба ҳисоби миёна зиёда аз 10% ҳаҷми умумии воридшавии СМХ-ро ташкил кардааст. Дар сатҳи миёна нишондодҳои ш.Хуҷанд 10,8%, ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 9,5%, ҳаҷми умумии СМХ-ро қайд кардан мумкин аст. Дар дигар шаҳру ноҳияҳо ҷалби СМХ дар сатҳи хеле ночиз қарор дорад, ки оянда бояд дар ин масъала чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Боиси таъкид аст, ки дар солҳои баррасишаванда ҷалби СМХ дар ноҳияи Ашт, ноҳияи Зафаробод, ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ, ноҳияи Шаҳристон умуман мушоҳида намегардад ва ҳол он, ки дар ин шаҳру ноҳияҳо зарурат ба СМХ низ хеле зиёд аст. Аз ҷумла, ноҳияи Шаҳристон мавзеи хело зебоманзар буда, барои рушди сайёҳӣ имкониятҳои хуб дорад. Бинобар ин тавсия карда мешавад, ки дар сатҳи вилоят қисми муайяни СМХ-ро ба рушди соҳаи сайёҳӣ ба ноҳияи Шаҳристон, Куҳистони Мастчоҳ, ноҳияи Ашт равона созанд.

Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ, барои рушди минбаъдаи соҳаҳои иқтисодиёт таҳкурсии мустаҳкам ва заминаи мусоид фароҳам меоварад. Баъзе додаҳоро дар бораи сармоягузорӣ бе фоизҳои асосӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2.2.8**

**Сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд**

| Шаҳру ноҳияҳо | 2020 | | 2022 | | 2023 | | 2020 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. Сомонӣ | % | млн. сомонӣ | % | млн. сомонӣ | % | Шохис | Шохис | Шохис |
| Ҳамагӣ в. Суғд | 1093,9 | 100 | 1028,5 | 100 | 1435,2 | 100 | - | - | - |

*Идомаи ҷадвали 2.2.8.*

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Айнӣ | 6,3 | 0,6 | 50,8 | 4,9 | 20,4 | 1,4 | 0,1 | 0,89 | 0,27 |
| Ашт | 64,9 | 5,9 | 41,5 | 4,0 | 77,9 | 4,1 | 1,07 | 0,73 | 1,04 |
| Б.Ғафуров | 123,8 | 11,3 | 193,1 | 18,8 | 242,8 | 10,1 | 2,04 | 3,38 | 3,25 |
| ш. Бӯстон | 36,9 | 3,4 | 16,3 | 1,6 | 86,0 | 2,5 | 0,61 | 0,29 | 1,15 |
| ш.Гулистон | 146,2 | 13,4 | 23,0 | 2,2 | 7,4 | 4,7 | 2,41 | 0,4 | 0,10 |
| Деваштич | 14,8 | 1,4 | 55,9 | 5,4 | 40,9 | 2,0 | 0,24 | 0,98 | 0,55 |
| Зафаробод | 7,1 | 0,6 | 15,6 | 1,5 | 57,2 | 2,0 | 0,12 | 0,27 | 0,77 |
| ш. Истаравшан | 41,4 | 3,8 | 47,4 | 4,6 | 52,9 | 0,3 | 0,68 | 0,83 | 0,71 |
| ш.Истиқлол | 3,5 | 0,3 | 4,9 | 0,5 | 26,5 | 4,1 | 0,06 | 0,09 | 0,36 |
| ш.Исфара | 146,9 | 13,4 | 26,4 | 2,6 | 105,6 | 5,5 | 2,42 | 0,46 | 1,42 |
| Конибодом | 55,9 | 5,1 | 29,3 | 2,8 | 71,8 | 4,5 | 0,92 | 0,51 | 0,96 |
| н. Кӯҳ. Мастчоҳ | 3,5 | 0,3 | 8,5 | 0,8 | 7,4 | 1,7 | 0,06 | 0,15 | 0,10 |
| Мастчоҳ | 77,2 | 7,1 | 35,3 | 3,4 | 12,6 | 1,0 | 1,27 | 0,62 | 0,17 |
| ш.Панҷакент | 35,5 | 3,2 | 98,2 | 9,5 | 109,7 | 21,8 | 0,58 | 1,72 | 1,47 |
| Спитамен | 35,9 | 3,3 | 19,6 | 1,9 | 30,7 | 2,1 | 0,59 | 0,34 | 0,41 |
| ш. Хуҷанд | 170,3 | 15,6 | 260,4 | 25,3 | 395,4 | 25,6 | 2,81 | 4,56 | 5,30 |
| Ҷ. Расулов | 115,3 | 10,5 | 53,5 | 5,2 | 72,2 | 4,9 | 1,9 | 0,94 | 0,97 |
| Шаҳристон | 8,2 | 0,7 | 48,6 | 4,7 | 18,9 | 1,5 | 0,14 | 0,85 | 0,25 |
| Ба ҳисоби миёна дар вилоят | 60,7 | 5,5 | 57,1 | 5,5 | 74,6 | 5,5 | - | - | - |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд, 2024. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. –С. 262*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ки тамоюли сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд хусусияти гуногунҷанба дорад. Тибқи ин меъёр шаҳру ноҳияҳоро ба гурӯҳҳои пешқадам, миёнаҳол ва ақибмонда ворид намудан мумкин аст. Гурӯҳбандии шаҳру ноҳияҳо тибқи ин нишондиҳанда дар ҷадвали поёнӣ инъикос шудааст.

**Ҷадвали 2.2.9**

**Гурӯҳбандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи сармоягузорӣ ба фонди асосӣ**

| | **солҳо** | **Номгӯи шаҳру ноҳияҳо** |
|---|---|---|
| **Гурӯҳи пешқадам (аз 1,000 баланд)** | **2023** | н. Ашт, н.Б.Ғафуров, ш.Панҷакент, ш.Хуҷанд,ш. Бустон., ш. Исфара |
| **Гурӯҳи миёна (аз 0,600 то 1,000 сатҳи умумии вилоятӣ)** | **2023** | н.Зафаробод, ш. Истаравшан, ш.Конибодом н.Ҷ.Расулов |
| **Сатҳи паст (то 0,600 умумии вилоятӣ кам)** | **2023** | н.Айнӣ, ш.Гулистон, н.Деваштич, ш.Истиқлол, н. Кӯҳ. Мастчоҳ, н.Мастчоҳ,н. Спитамен, н.Шаҳристон |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, соли 2023 ба шаҳру ноҳияҳои пешқадам дар масъалаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ н.Ашт, н.Б.Ғафуров, ш.Панҷакент, ш.Хуҷанд, ш. Бустон., ш. Исфара ворид шудаанд. Ба гурӯҳи дуюм шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Истаравшан,

Конибодом, Ҷ.Расулов дохил мешаванд. Ба гурӯҳи сеюм шаҳру ноҳияҳои Айнӣ, Гулистон,  Деваштич, Истиқлол, Кух. Мастчоҳ, Мастчоҳ, Спитамен, Шаҳристон дохил шудаанд. Аз ин бармеояд, ки Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳое, ки ба гурӯҳи сеюм воридан, дар сиёсати  иқтисодии минтақа бояд ба ҷалби сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ аҳамияти хос диҳанд.

Дар шароити муосир фаъолнокии сармоягузорӣ барои ҳар як иқтисодиёти минтақа самти хеле муҳим ва асосӣ мебошад. Дар ин ҷода мо фаъолнокии инвеститсиониро ҳамчун нишондиҳандаи интизорӣ ба инобат гирифта, онро дар пайвастагӣ бо дигар омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор додем.

**Ҷадвали 2.3.1.**

**Нишондиҳандаҳои омилии таъсиррасон ба сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд**

| Солҳо | Сармоягузорӣ ба хар сари ахолӣ (сомонӣ) | МММ ба хар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (ҳаз.нафар) | Ҳаҷми фурӯши чакана ба хар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Даромад ба хар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Ҳаҷми хизматрасонӣ ба хар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Ҳаҷми махсулоти саноатӣ ба хар сари аҳолӣ (сомонӣ) | Теъдоди корхонаҳо (адад) | Ҳаҷми махсулотҳои кишоварзӣ ба ҳа сари аҳолӣ (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 271,67 | 2543,2 | 771,1 | 1533,3 | 277,90 | 815,2 | 947,7 | 1833 | 2023,0 |
| 2011 | 392,68 | 3123,1 | 774,7 | 1534,1 | 308,34 | 1008,5 | 1098,0 | 2011 | 2030,8 |
| 2012 | 445,98 | 3814,9 | 774,5 | 1696,9 | 369,42 | 1120,2 | 1262,6 | 2239 | 2174,4 |
| 2013 | 512,37 | 4348,9 | 791,5 | 2120,5 | 425,62 | 1168,4 | 1335,5 | 2922 | 2252,6 |
| 2014 | 562,37 | 4695,8 | 804,8 | 2233,1 | 396,35 | 1176,6 | 1693,4 | 2623 | 2299,4 |
| 2015 | 660,63 | 4618,4 | 801,2 | 2242,4 | 380,01 | 1195,4 | 1949,0 | 965 | 2322,3 |
| 2016 | 751,76 | 5722,7 | 802,0 | 3862,0 | 418,52 | 1561,2 | 3558,7 | 792 | 4311,5 |
| 2017 | 769,94 | 6712,9 | 797,5 | 4161,7 | 500,60 | 1534,1 | 4594,1 | 803 | 4490,3 |
| 2018 | 569,78 | 6900,3 | 807,7 | 4399,4 | 496,15 | 1518,1 | 4773,8 | 1077 | 4576,6 |
| 2019 | 641,23 | 7585,8 | 820,1 | 4447,7 | 543,11 | 1503,7 | 5212,6 | 2531 | 4823,7 |
| 2020 | 474,85 | 7769,3 | 845,0 | 4128,0 | 671,05 | 1299,7 | 5887,2 | 2987 | 5085,3 |
| 2021 | 635,15 | 9726,1 | 882,8 | 4665,7 | 854,22 | 1316,3 | 7536,7 | 3176 | 4940,3 |
| 2022 | 903,87 | 11128,6 | 885,1 | 4662,5 | 1014,63 | 1433,6 | 8476,1 | 3202 | 5441,8 |
| 2023 | 1278,0 | 12058,2 | 902,7 | 5353,3 | 1134,8 | 1477,8 | 8976,8 | 3401 | 6339,9 |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд, 2016. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2016. – С.8-13; - С.118-119; - С.191; - С.568-569; - С.591.; Омори солонаи вилояти Суғд, 2023. – Хуҷанд; Сарраёсати Агентӣи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С.8-12; - С.24; - С.79; - С.122-123; - С.179; - С.192; - С.263;  - С.360-362.;*

Дар асоси ҳисобу китоб муайян гардид, ки дар байни омилҳое, ки ба фаъолнокии инвеститсионӣ таъсир мерасонанд, зичии робита хеле гуногун аст. Дар байни омилҳои мазкур ҳаҷми зичии робитаи омилҳои хизматрасонӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва МММ ба ҳар сари ахолӣ дар сатҳи баланд қарор дорад, зеро қимати онҳо аз 0,7 баланд аст. Дар асоси ҳисобу китоби факту рақамҳои оморӣ мундариҷаи амсилаи фаъолнокии инвеститсионӣ муайян карда шудааст, ки дар ҷадвали 2.3.4 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.4.**

**Амсилаҳои фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд**

| № | Номгӯи омилҳои таъсиррасон | Y | $R^2$ | $F_{амали}$ | $F_{назария}$ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | МММ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | y= 293,09 + 0,048x | 0,5216 | 11,993 | 0,0052 |
| 2. | Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (ҳаз.нафар) | y= -1599,6+2,688x | 0,3513 | 5,957 | 0,0327 |
| 3. | Ҳаҷми фурӯши чакана ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | y= 291,14+0,091x | 0,4878 | 10,476 | 0,0079 |
| 4. | Даромад ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | y= 332,1+0,4918x | 0,3896 | 7,021 | 0,0225 |
| 5. | Ҳаҷми хизматрасонӣ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | y= -190,34+0,604x | 0,6530 | 20,700 | 0,0008 |
| 6. | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ (сомонӣ) | y= 421,78+0,0436x | 0,4357 | 8,493 | 0,0140 |
| 7. | Теъдоди корхонаҳо (адад) | y= 622,54-0,018x | 0,0098 | 0,109 | 0,0746 |
| 8. | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) | y=297,49+0,079x | 0,4243 | 8,107 | 0,0158 |

Бо мақсади дар иқтисодиёти минтақа муайян намудани таъсири омилҳо ба раванди ҷалби СМХ амсилаи регрессионии бисёромиларо таҳия намудем. Дар таҳияи модел ҳамчун нишондиҳандаи интизорӣ ба ҳисоби миёна сармоягузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба сифати нишондиҳандаҳои омилӣ бошад, инҳоро ба инобат мегирем: - сатҳи рушди МММ (% нисбат ба соли қаблӣ ) (X1); - индекси содирот нисбат ба соли гузашта (%) (X2); - индекси нархҳои истеъмолӣ (X3); - даромад ба ҳар сари аҳолӣ (X4); - аҳолии машғул (X5); - Индекси ҷиноятҳои бақайдгирифташуда нисбат ба соли гузашта (%) (X6).

Нишондиҳандаҳое, ки ба амсила ворид карда шудаанд, дар модели регрессионии зерин инъикос гардидаанд:

$$Y= 1780,67 + 34,85\ x_1 + 1,237\ x_2 – 28,16\ x_3 + 0,102\ x_4 + 2,627\ x_5 – 3,875\ x_6$$

Дар асоси муодилаи мазкур метавон хулоса кард, ки дар байни омилҳои таҳқиқшуда сатҳи таъсирнокӣ ба натиҷаи интизорӣ, яъне СМХ ба ҳар сари аҳолӣ дар шароити иқтисодиёти муосири вилояти Суғд таъсири бештарро тағйирёбандаи сатҳи рушди МММ дорад. Пас аз он, тағйири индекси нархҳои истеъмолӣ нисбат ба соли гузашта низ назаррас аст.

Дар умум, дар байни нишондиҳандаҳои омилӣ ҳиссаи тағйирёбандаҳои иқтисодӣ назаррас мебошад. Бинобар ин, дар ҳар як минтақа ба ин масъала эътибори ҷиддӣ додан зарур аст.

**Дар боби сеюм** - “Авлавиятҳо дар дурнамои стратегияи сармоягузории иқтисодиёти вилояти Суғд”- самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ, такмили стратегияи он дар иқтисодиёти минтақа баррасӣ гардидаанд.

Сармояи мустақим дар бештари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештари ҳолатҳо бахри ҳал намудани муаммоҳои коркарди захираҳои табиӣ, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, модернизатсияи техника ва технология, ворид намудани инноватсияҳо равона мегардад.

Таъсири инвеститсияро ба рушди иқтисодиёт бо воситаи формулаҳои функсияҳои истеҳсолӣ, ки дар назария ва амалия истифода бурда мешаванд, микдоран арзёбӣ кардан мумкин аст. Яке аз чунин функсияҳо функсияи Кобба-Дуглас мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст дар назария ва амалия функсияи истеҳсолии Кобба - Дугласро чунин ифода менамоянд:

$$У=АК^{\alpha} L^{1-\alpha}$$

Дар асоси истифодаи формулаи мазкур таъсири сармояро ба рушди иқтисодиёти минтақа дар мисоли саноати вилояти Суғд ҳисоб мекунем, ки соҳаи саноат дар он яке аз соҳаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода

маҳсулоти саноатии вилоят ба ҳар сари аҳолӣ ҳамчун натиҷаи интизорӣ интихоб шудааст. Дар масъалаи иттилоот оид ба сармоягузорӣ факту рақамҳои зеринро ба асос мегирем: - маблағгузорӣ ба фонди асосӣ, ки хариди техникаву технологияҳо, бинову иншоот, таҷҳизот, инчунин таъмири онҳо, сохтмони навро пешбинӣ мекунад; -маблағе, ки аз субъектҳои хориҷӣ (корхонаҳо, фирмаҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайра) ворид мегардад; - маблағгузории тадқиқоти илмӣ, таҷрибавӣ ва технологӣ.

Омили меҳнат дар амсилаи мазкур шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноати вилоят мебошад. Факту рақамҳои оморӣ дар ҷадвали поён оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.1.1. Нишондиҳандаҳо барои ҳисоб намудани таъсири сармоя ба ваъзи рушди соҳаи саноат дар вилояти Суғд**

| Солҳо | Ҳаҷми ҳар маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ (сомонӣ) | Маблағгузории таъиноти истеҳсолидошта (млн. сомонӣ) | Шумораи кормандон дар саноат (ҳаз.нафар) |
|---|---|---|---|
| 2010 | 947,7 | 464,9 | 18,9 |
| 2011 | 1098,0 | 618,9 | 20,1 |
| 2012 | 1262,6 | 702,6 | 21,3 |
| 2013 | 1335,5 | 842,5 | 20,3 |
| 2014 | 1693,4 | 967,6 | 22,5 |
| 2015 | 1949,0 | 1199,7 | 28,7 |
| 2016 | 3558,7 | 1363,2 | 30,1 |
| 2017 | 4594,1 | 1549,7 | 32,1 |
| 2018 | 4773,8 | 8316,3 | 28,3 |
| 2019 | 5212,6 | 9872,6 | 35,1 |
| 2020 | 5887,2 | 531,8 | 33,2 |
| 2021 | 7536,7 | 806,4 | 32,5 |
| 2022 | 8476,1 | 1083,4 | 32,7 |
| 2023 | 8976,8 | 2061,4 | 33,3 |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд, 2016. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2016. – С.308; -С.386-387.; Омори солонаи вилояти Суғд, 2024. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентӣи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С. 179; - С.265;*

Нахуст бахри ҳисоб намудани нишондиҳандаҳо формулаи $У=АК^{\alpha} L^{1-\alpha}$ -ро ба функсияи логарифмӣ табдил додан лозим аст:

$$LnY = LnA + \alpha LnK + (1 - \alpha)LnL$$

Дар ин ҷо: $LnY$ баробар аст ба $У$, $LnA$ бошад баробар аст ба $A$; $LnK$ – баробар аст ба $K$; $LnL$ – баробар аст ба $L$.

Амалиётҳои компютерӣ шаҳодат медиҳад,ки функсияи истеҳсолии бар асоси маҳсулоти саноатӣ гирифташуда, намуди зеринро дорад:

$$Y = 2{,}6498 + 0{,}2371LnK + 0{,}7598LnL$$

Аз ин ҷо бар меояд, ки:

$LnA = 2{,}6498$

$$A = 446{,}47$$

Дар асоси ин ҳисобҳо метавон натиҷагирӣ ва таъсири сармоя ва захираҳои меҳнатиро ба рушди соҳаи саноатӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд тавассути модели Кобба-Дуглас, чунин инъикос намудан мумкин аст:

$$Y = 446{,}47\ K^{0{,}2371}L^{0{,}7598}$$

Натиҷаи ҳисобҳои омилҳои баррасигардида пайвастагии тарзи зичи мусбатро нишон дода истодааст, яъне коэффисиенти коррелятсия ба 0,9345 баробар аст (аз қимати 0,7 калон аст). Сатҳи вобастагӣ аз омилҳои мазкур низ баланд аст. Қимати коэффисиенти детерминантсия ба 0,8734 ва пайвастагӣ ба 87,34% рост омадааст.

Аз мундариҷаи ҳисобкардашудаи муодилаи Кобба-Дуглас бармеояд, ки дар шароити муосир дар таъмини рушди соҳаи саноати вилояти Суғд саҳми омили меҳнат нисбат ба омили сармоя баланд аст. Аз ҳисобу китобҳо бармеояд, ки коэффисиенти таъсири захираи меҳнатӣ дар муодилаи баррасишаванда ба 0,7598 баробар аст, ва ҳол он ки нишондиҳандаи коэффисиенти таъсири ҳиссаи сармоя 0,2371 аст. Яъне, қимати ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилояти Суғд нисбат ба қимати ҳиссаи сармоя бештар аст. Дар ҳақиқат, мундариҷаи миқдории муодилаи Кобб - Дуглас дар иқтисодиёти вилояти Суғд нисбат ба соҳаи саноат дар чунин шакл дарҷ мегардад, ки ба ҳақиқат мутобиқатӣ дорад. Зеро сатҳи меҳнатталабии истеҳсоли молҳои саноатӣ

дар минтақа баланд аст, сатҳи механиконӣ, автоматиконӣ паст мебошад,сатҳи истифода кам аст. Сабаб дар он аст технологияҳои нав,ки саноати иқтисодиёти вилояти Суғдро асосан соҳаҳои анъанавии саноатӣ (хӯроквbooрӣ, коркард, сабук) ташаккул додаанд, ки дар бештари онҳо технологияҳои сатҳи пастро истифода мебаранд. Соҳаҳои ба технологияҳои сатҳи баланд асосёфтаи саноат қариб дар иқтисодиёти вилояти Суғд ташаккул наёфтааст. Дар ҳақиқат, мавҷудияти корхонаҳо дар соҳаҳои зерини саноати баландтехнологӣ яъне фарматсевтика, саноати кайҳонӣ, технологияи иттилоотӣ,компютерӣ дар иқтисодиёти вилоят мушоҳида намегардад. Тавассути истифодабарии амсилаи математикӣ тибқи муқаррароти назарияи Кобб - Дуглас гуфтан мумкин аст, ки оянда сармоягузорӣ бештар ба аз нав таҷҳизонидани фондҳои асосӣ равона гардида, дар ин самт нахуст масъалаҳои дастрас намудани техника ва технологияҳои каммасраф, ҳифзи захираҳои табиӣ ба амал оварда шавад, мувофиқи мақсад мегардад.

Дар шароити муосир тавассути муқоистабииа намудани гирдгардиши молу маҳсулот бо ҳаҷми инвеститсияҳо метавонем боздеҳи ҳар як воҳиди ченаки сармоягузориро дар чорчӯбаи соҳаҳои иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор диҳем. Барои ин мақсад ба факту рақамҳои оморӣ такя намуда, ҳисобу китоби боздиҳии маблағҳои сармоягузориро бо формулаи зерин ҳисоб менамоем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 3.1.5 инъикос гардидааст:

$$\text{Боздеҳии маблағ}_{\text{инв}} = \frac{\text{Ҳаҷми гирдгардиши маҳсулот}}{\text{Ҳаҷми инвеститсия}}$$

**Ҷадвали 3.1.5.**

**Самаранокии инвеститсияҳо дар шаҳру ноҳияҳои в. Суғд**

| Шаҳру ноҳияҳои вилоят | 2023 | | |
|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (ҳаз.сомонӣ) | Ҳаҷми сармоягузорӣ (ҳаз.сомонӣ) | Самаранокии инвеститсия (сомонӣ) |
| Айнӣ | 4330329,5 | 814402,5 | 14,72 |
| Ашт | 400404,6 | 89576,1 | 4,73 |
| Б.Ғафуров | 5158301,4 | 367155,4 | 16,00 |
| ш. Бӯстон | 673644,2 | 101259,3 | 12,64 |
| ш.Гулистон | 4056981,8 | 52734,5 | 18,96 |

*Идомаи ҷадвали 3.1.5.*

| | | | |
|---|---|---|---|
| Деваштич | 118989,3 | 70435,0 | 1,50 |
| Зафаробод | 415961,8 | 32467,4 | 12,11 |
| ш. Истаравшан | 1090358,5 | 28595,2 | 9,02 |
| ш. Истиқлол | 30968,1 | 110693,7 | 3,96 |
| ш.Исфара | 630874,8 | 158780,0 | 3,65 |
| Конибодом | 365376 | 81981,6 | 5,05 |
| н. Кух.Мастчох | 29808 | 12339,2 | 0,91 |
| Мастчоҳ | 480655,7 | 19917,3 | 12,27 |
| ш.Панҷакент | 5025394,2 | 848900,8 | 13,28 |
| Спитамен | 667438,5 | 34775,8 | 16,30 |
| ш.Хуҷанд | 1912056,9 | 797447,1 | 2,30 |
| Ҷ. Расулов | 431942,9 | 83226,6 | 4,27 |
| Шаҳристон | 47001,4 | 23930,6 | 1,88 |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд, 2024. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2024. – С.188, – С.265.*

Аз ҷадвал бармеояд, ки боздеҳи инвеститсияҳо дар соҳаи саноат соли 2023 дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд хеле гуногун мебошад. Масалан, дар ноҳияи Айнӣ ба ҳар як сомонӣ  сармоягузорӣ ба маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби миёна 14,72 сомонӣ боздеҳ рост меояд, дар ноҳияи Ашт бошад, ин нишондиҳанда 4,73 сомониро ташкил мекунад. Боздеҳи сармоягузорӣ дар шаҳри Гулистон, н. Б. Ғафуров, н. Айнӣ, ш. Панҷакент, н. Спитамен, ш. Бӯстон, н. Мастчоҳ баланд аст, зеро нишондиҳандаи онҳо аз 10 сомонӣ зиёд мебошад. Боздеҳи инвеститсияҳо дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (0,91сомонӣ), н. Шаҳристон (1,88сомонӣ), н. Деваштич (1,5 сомонӣ) мебошад, ки нишондиҳандаи нисбатан пасттар аст. Лозим ба таъкид аст, ки ин ҳисобу китобҳо нисбат ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ гирифта шудааст, бинобар ин вазъияти корро на он қадар пурра инъикос менамояд, зеро дар байни шаҳру ноҳияҳо рушди соҳаи саноат гуногун буда, баъзе аз онҳо саноатӣ ҳисобида мешавад, баъзе аз онҳо ба кишоварзӣ дохил мешавад, ин омилро низ ба инобат гирифтан зарур аст.

Хурсандиовар аст, ки дар шароити муосир Тоҷикистон дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун минтақаи аз ҷиҳати сиёсӣ устувор, давлати ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона эътироф гардидааст,ки дар иқтисоди он созандагию ободкорӣ бо маром пеш меравад. Илова бар он, нишондиҳандаҳои захираҳои табиӣ, демографӣ, иқлимии минтақаҳои

Тоҷикистон хеле мусоид буда, барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ дар ҷалби сармоягузорӣ имконияти хубро доро аст.

Барои минтақаҳои Тоҷикистон дар шароити муосир дар қатори ҷалби сармояҳои хориҷӣ, масъалаи сармоягузорӣ аз сарчашмаҳои ватанӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Имрӯз дар натиҷаи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорони ватанӣ, теъдоди одамоне,ки соҳиби сармоя мебошанд,рӯз аз рӯз меафзояд. Иттилоот оид ба пасандозҳои аҳолӣ дар ҷадвали 3.2.1 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2.1.**

**Сохтори бақияи пасандоз (амонат) дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн.сомонӣ)**

| Нишондиҳандаҳо | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Январ | Декабр | Январ | Декабр | Январ | Декабр |
| Ҳамаи амонатҳо | 10984,1 | 10159,3 | 10252,9 | 15507,8 | 14952,8 | 19462,6 |
| Бо фоиз аз ММД | 13,2 | 10,3 | 10,3 | 13,4 | 12,8 | 14,9 |
| Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ | 5898,0 | 4792,3 | 5014,7 | 7426,8 | 7146,8 | 8917,1 |
| Бо фоиз ММД | 7,1 | 4,8 | 5,2 | 6,4 | 6,1 | 6,8 |

*Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, - 2021, № 12 (316). –С.30; Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, - 2022, № 12 (329). –С. 31; Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе: Бонки миллии Тоҷикистон, - 2023, № 12 (341). –С. 33.;*

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, ҳаҷми пасандоз дар иқтисодиёти ватанӣ рӯ ба рушд дорад. Агар дар моҳи декабри соли 2021 ҳаҷми ҳамаи пасандозҳо дар низоми ташкилотҳои қарзии молиявӣ 10159,3 млн сомонӣ ё нисбат ба ММД 10,3 ташкил карда бошад, моҳи декабри соли 2023 бақияи пасандоз ба 19462,6 млн сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2021 дар ҳаҷми 1,92 маротиба зиёд мебошад. Инчунин нишондоди мазкур нисбат ба ММД 14,9 фоизро ташкил кардааст,ки тамоюли хуби мусбӣ аст,вале пасандози шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба соли 2021 тамоюли пастравиро дорад, ки он имконияти ҳамчун сарчашмаи сармоягузорӣ истифода бурдани пасандозҳои шахсони ҳуқуқиро коста мегардонад.

Ташаккули иқтидори инвеститсионӣ ва истифодаи самараноки он дар бештар ҳолат аз сиёсати иқтисодии давлат вобаста аст. Зеро дар натиҷаи механизмҳои фискалӣ ва монитарӣ давлат бевосита ба истеъмолот ва

пасандоз таъсири худро мерасонад. Вазъи рушди иқтисодӣ, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ омадааст, дар навбати аввал талаб менамояд, ки иқтидори инвеститсионӣ боз ҳам зиёд карда шавад. Дар шароити ободкорию созандагӣ дар кулли соҳаҳои иқтисодиёт ҷалби сармоя зарур аст. Дар ин самт қадами нахуст ташаккул додани муҳити мусоиди сармоягузорӣ мебошад. Қадами навбатӣ бошад, таҳияи чораҳо барои ҳавасманд намудани ҷалби сармояи хусусӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои ватанӣ ва сарчашмаҳои хориҷист. Дар навбати сеюм бошад, муайян намудани соҳаҳои авлавиятдоштаи сармоягузорӣ аз нуқтаи назари манфиатҳои давлатӣ ва манфиатҳои хусусӣ мебошад. Боиси таъкид аст, ки фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ барои баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионии аҳолӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд.

Дар умум, аз рӯи стандартҳои байналхалқӣ дар вақти арзёбии муҳити инвеститсионӣ ба меъёрҳои зерин диққати махсус додан лозим аст: эътидоли сиёсӣ, сатҳи либераликунонии фаъолияти берунаи иқтисодӣ, муътадилии иҷтимоӣ, сатҳи рушди иқтисодӣ, рушди инфрасохтор, низоми бонк, низоми иттилоот, иҷозатдиҳӣ, дастрасӣ ба захираҳо, сатҳи маъмурикунонии  иҷозатдиҳӣ ва танзимӣ, низоми андоз, мавҷудияти қувваи корӣ, ҳалли муаммоҳои муфлисшавӣ. Боиси таъкид, аст, ки аз рӯи бештари он Тоҷикистон мавқеи беҳтари худро дорад, вале аз рӯи нишондиҳандаҳои танзимӣ, иҷозатдиҳӣ, маъмурӣ, андозӣ аз бисёр давлатҳои ҷаҳон қафомонӣ дорад, ки ба муҳити сармоягузорӣ таъсири манфӣ мерасонад. Новобаста аз он, ҳоло Тоҷикистон ва минтақаҳои он аз нуқтаи назари стандартҳои ҷаҳонӣ иқтидори хеле хуби инвеститсионӣ дорад.Чунин вазъияти Тоҷикистон дар оянда барои инкишофи фаъолнокии инвеститсионӣ имконияти хуб фароҳам меорад. Дар ҳақиқат, беҳтар намудани муҳити инвеститсионӣ дар таъмини фаъолнокии инвеститсионӣ қадами аввалин мебошад. Марҳилаи дигар  таҳия ва амалӣ намудани чораҳои махсус оид ба ҳавасманд намудани сармоягузорон

ҷиҳати маблағгузорӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт дар фаъолияти минбаъда ба шумор меравад. Илова бар он, барои баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузорӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ чораҳои зерин таҳия ва ба амал татбиқ карда шавад:

- марҳила ба марҳила гузаштан дар корхонаҳои ватанӣ ба стандарти байналмилалии муҳосибӣ, имкон медиҳад, ки менеҷменти корхона такмил ёбад;

- Дар корхонаҳои ватанӣ ташаккул додани фаъолияти маркетингӣ дар асоси қонунҳои бозорӣ;

- суғуртакунии амволи корхона аз хавфҳои гуногун;

- истифодаи самараноки механизми барқароршавӣ ва муфлисшавии корхонаҳои ғайрирақобатнок тавассути баланд бардоштани масъулияти менеҷерон ва соҳибони корхона;

- таҳияи механизмҳои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ба самти инвеститсионӣ тавассути низоми фондҳои инвеститсионии ҳиссавӣ, фондҳои ғайридавлатии нафақавӣ ва ғайра;

- истифодаи механизми қарзҳои ипотекӣ бо мақсади истифодаи қарзҳои дарозмуҳлат.

Боиси зикр аст, ки фаъолнокии инвеститсионӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Суғд назаррас рушд ёфтааст. Вале дар ин самт ҳоло натиҷаҳои интизорӣ дастрас карда нашудааст, бинобар ин, барои беҳтар намудани муҳити инвеститсионӣ, коркарди низоми ҳавасмандӣ барои рушди фаъолнокии инвеститсионӣ боз чораҳои иловагӣ андешидан зарур аст. Аз ҷумла:

- ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои бахши хусусӣ, бахши давлатӣ ва аҳолӣ бо якдигар, то дар амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ ҳаматарафа саҳмгузор бошанд;

- аз байн бурдани ҳолатҳои коррупсионӣ, тамаъҷӯйӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб дар амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо;

- ҷалби воситаҳои озоди пулии аҳолӣ, корхонаҳо ба ниёзҳои инвеститсионӣ тавассути баланд бардоштани фоизҳои депозитӣ (пасандозӣ);

- равона намудан ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба он шаҳру ноҳияҳое, ки дар рушди иқтисодӣ ақибмонӣ дорад;

- таҳия ва қабули барнома оид ба баланд бардоштани қурби пули миллӣ, танзими таваррум ва таъмини муътадилии молиявӣ;

- таҳияи низоми мониторинги муҳити инвеститсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бахри таъмини назорат дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ.

Он чораҳое, ки дар боло зикр гардидаанд, дар маҷмуъ бояд ба ҷалби инвеститсияҳои хориҷию ватанӣ мусоидат намоянд ва қисми таркибии стратегияи инвеститсионӣ дар минтақаҳо бошанд.

## ХУЛОСА

### 1) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Сармоягузорӣ дар асоси таҳқиқот хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии зерин пешниҳод карда шудааст:

1. Муҳимтарин омили рушди иқтисод амалишавии ҳадафҳои ободкориву созандагӣ, муваффақияти корхонаю ташкилотҳо, шаҳрвандони алоҳида - ин баланд бардоштани фаъолнокии сармоягузории онҳо мебошад, ки натиҷаи вопасинаш дар баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ инъикос мегардад. Дар илми муосири иқтисодӣ назарияҳои гуногун оид ба сармоягузорӣ, аз ҷумла консепсияҳои классикӣ, институтсионалӣ, кейнсгароӣ, неоклассикӣ, неокейнсгароӣ ва ғайра вуҷуд доранд ва дар асоси онҳо моҳияти сармоягузорӣ ҳамчун хароҷоти истеҳсол ва ҷамъоварии воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши боигарии моддӣ тавсиф карда мешавад. [4М]

2. Моҳияти ҳар як категорияи иқтисодӣ тавассути вазифаҳои иҷрошаванда ифода карда мешавад. Мундариҷаи функсияҳои сармоягузорӣ аз инҳо иборат аст: функсияи такрористеҳсол, тақсимот ва

ҳавасмандии сармоягузорӣ. Масъалаҳои функсионалии сармоягузорро аз се нуқтаи назар баррасӣ мекунанд: дар сатҳи макроиқтисодӣ, микроиқтисодӣ ва мезоиқтисодӣ. Дар ҳамаи сатҳҳо ҳадафи сармоягузорӣ барои мустаҳкам намудани иқтидори истеҳсолӣ мебошад. Аз ҷумла, дар самти макроиқтисодиёт ба баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дар сатҳи давлат пешбинӣ мешавад, дар сатҳи мезоиқтисодиёт таъмини рушди соҳаҳои хоҷагии халқ дар назар аст, дар сатҳи микроиқтисодиёт ба баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии корхонаҳо мусоидат менамояд.[7М]

3. Дар мавриди самаранок амалӣ гардидани сармоягузорӣ дар ҳар як ҳудуди муайян, яъне минтақа, он ба ноил гардидан ба натиҷаҳои мусбати зерин мусоидат менамояд: ташаккули ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ, афзоиши даромади аҳолӣ; васеъшавии шуғли аҳолӣ; зиёдшавии теъдоди корхонаҳо, ташкилотҳо дар минтақа; васеъшавии бахши соҳибкорӣ; афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмон ва ғайра; инкишофи гардиши савдо дар минтақа ва ғайра.[3М]

4. Иқтидори сармоягузории минтақа мафҳуми васеъ аст ва он аз маҷмуаи якчанд намуди иқтидорҳо иборат аст. Аз ҷумла, иқтидори захиравӣ (ашёи хом, сарватҳои табиӣ), иқтидори меҳнатӣ (қувваи корӣ, кадрҳо), иқтидори истеҳсолот (теъдоди корхонаҳо, ташкилотҳо ва ғайра). Қобилияти умумии харидории сокинони маҳаллӣ; инфрасохтори соҳавӣ; мавқеи иқтисодию ҷуғрофии минтақа; иқтидори зеҳнӣ (сатҳи дониши аҳолӣ); ниҳодҳои бозорӣ (сатҳи инкишофи ниҳодҳои асосии иқтисодии бозорӣ); сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ (сатҳи дар минтақа татбиқ намудани дастовардҳои илмию техникӣ) ва ғайра.[1М]

5. Кишварҳои ҷаҳонӣ дар танзими фаъолияти сармоягузорӣ хеле фаъоланд. Ҷолибтарин муҳити сармоягузорӣ дар ҷаҳон дар Британияи Кабир фароҳам оварда шудааст, зеро сармоягузорони хориҷӣ объекти сармоягузориро озодона интихоб мекунанд. Дар Канада озодии ҳуқуқи

сармоягузорони хориҷӣ кафолат дода, қабули қонунҳоеро, ки ҳуқуқ ва ухдадориҳои шаҳрвандони хориҷиро поймол мекунад, манъ карда шудааст. Олмон дар шакли грантҳо ва қарзҳои давлатӣ ба сармоягузорӣ бо шартҳои имтиёзнок дастгирии мустақими молиявӣ мерасонад. ИМА барои мусоидат ба сармоягузорӣ дар шаҳрҳо ҳам марказҳои соҳибкорӣ ва марказҳои инноватсионӣ дорад,ки таъсири ҳукумат ба онҳо хеле кам аст.[5М]

6. Ҳиссаи сармоягузорӣ ба МММ - дар минтақаҳо дар муқоиса бо нишондиҳандаи умумиҷумҳуриявӣ арзёбӣ менамоем. Дар байни минтақаҳо аз ҳама нишондиҳандаи баланди ҳиссаи сармоягузориро вилояти ВМКБ дорад, дар мавқеи дуюм НТҶ, сеюм ш. Душанбе, в. Суғд дар сатҳи чорум ва в. Хатлон дар мавқеи охирон қарор дорад. Солҳои охир ба минтақаҳои ВМКБ, НТҶ, шаҳри Душанбе сармоягузорӣ бештар равона гаштааст. Вале мутаассифона, ҳоло ин маблағгузориҳо натиҷаҳои интизориро надодаанд, зеро нишондиҳандаи боздеҳи сармоягузорӣ нисбатан кам аст. Тибқи меъёри боздеҳи сармоягузорӣ дар миқёси ҷумҳурӣ вилояти Суғд пешқадам аст ҷойҳои дуюм, сеюмро мутаносибан в. Хатлон ва ш.Душанбе ишғол мекунанд. НТҶ ва ВМКБ дар ҷойҳои чоруму панҷуманд.[8М]

7. Сарчашмаҳои сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ дар в. Суғд гардишҳои сохториро тасдиқ менамояд. Масалан, сармоягузории давлатӣ дар натиҷаи мустаҳкам гардидани пояи молиявии давлатӣ, нисбат ба солҳои қаблӣ назаррас зиёд гардида, рӯ ба афзоиш дорад. Чунин тамоюлро сармоягузорӣ аз ҷониби аҳолӣ низ инъикос менамояд. Аҳолии вилояти Суғд ғайр аз хароҷоти истеъмолӣ ба масъалаи сармоягузорӣ аҳаммият дода истодааст. Аз ҷумла, сармоягузорӣ аз ҷониби соҳибкорону корхонаҳои ватанӣ рӯ ба афзоиш дорад, ки ин тамоюли хуб аст, зеро аз афзоиши иқтидорӣ молиявии корхонаҳои ватанӣ шаҳодат медиҳад. Вале сарчашмаи сармояи хориҷӣ дар солҳои охир коҳиш ёфтааст. Сабаби якум, норосоиҳо дар муҳити сармоягузорӣ аст. Сабаби дуюм дар натиҷаи мустаҳкам

гардидани пояи икт молиявии иқтисодиёт, кам шудани ниёзи субъектҳои хоҷагидорӣ, ба сармояи хориҷӣ мебошад.[2М]

8. Дар сохтори такрористеҳсоли сармоягузорӣ дар бахши воқеии в. Суғд ҳиссаи зиёдро маблағгузории объектҳои корхонаҳои амалкунанда нисбат ба дигар самтҳо зиёдтар ишғол менамояд. Самти дигар, маблағгузорӣ барои азнавтаҷҳизонии техникӣ ва азнавсозии корхонаҳои амалкунанда он қадар назаррас нест. Сармоягузорӣ ба сохтмони нав дар фаъолияти корхонаҳо ба самти асосӣ мубаддал гаштааст. Самтҳое, ки дар боло зикр кардем, асосан таҷҳизонӣ, такмили фаъолият, сохмони навро дарбар мегирад, ки ба афзоиши корхона таъсири ғайримустақим дорад. Он самти асосии сармоягузорӣ, ки бояд барои васеъкунии корхонаҳои амалкунанда равона гардад, ҳиссаи ночизро ташкил кардааст. Бинобар ин, хеле хуб мешуд, агар дар оянда сармоягузорӣ ба мақсади васеъкунии истеҳсолот равона гардад.[6М]

9. Фаъолнокии инвеститсионӣ дар ҳар як минтақаи алоҳида аз ҷаззобияти инвеститсионӣ вобаста буда, бо нишондоди суръати рушди сармоягузорӣ ба фонди асосӣ арзёбӣ мегардад. Байни фаъолнокии инвеститсионӣ дар минтақа ва вазъи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ робитаи сабабию оқибатӣ мавҷуд аст. Дар байни тағйирёбандахое, ки ба фаъолнокии инвеститсионӣ таъсир мерасонанд, зичии робитаи омили ҳаҷми хизматрасонӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Таъсири омилҳои дигар,аз ҷумла: ҳаҷми фурӯши чакана; ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ; кишоварзӣ; даромад; аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол зичии робитаро дар сатҳи миёна нишон додаанд.[3М]

**2) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Равишҳои ҷалби сармоя бояд инҳоро дарбар гирад:[1М]

1. Дар соҳаи саноат:

- сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои саноатии баландтехнология ва ҷалби инвеститсия барои ташаккули паркҳои индустриалӣ;

- ташаккул додани корхонаҳои азими саноатӣ дар шаҳру ноҳияи минтақаҳо, ки қувваи корӣ зиёдатӣ дорад;

- таҷдиди механизми шарикии давлатию хусусӣ ва беҳтар намудани фаъолияти инфрасохтори истеҳсолӣ;

- инвеститсияҳо барои истеҳсоли молу маҳсулоти нав дар соҳаи саноат.

2. Дар соҳаи кишоварзӣ:

- сармоягузорӣ ба ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақа ва баланд бардоштани рақобатнокии онҳо;

- сармоягузорӣ дар амалиётҳои лизингӣ барои сармоягузории фондҳои асосии корхонаҳои кишоварзӣ;

- сармоягузорӣ барои таъминот бо маводҳои сӯзишворӣ, техника ва технологияи кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонӣ;

- ҷалби инвеститсияҳо барои ҷорӣ намудани технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ;

3. Дар соҳаи иҷтимоиёт:

- сармоягузорӣ барои модернизатсияи базаи моддӣ - техникии муассисаҳои иҷтимоӣ бо технологияи муосири пешқадам;

- такмили ихтисос ва тайёрии кадрҳо барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ тавассути таҷрибаомӯзӣ дар мамлакатҳои хориҷа ва мутахассисони варзидаи истеҳсолот;

- ҷалби инвеститсияҳо ба рушди дорусозӣ (фармосевтика) дар асоси истифодаи захираҳои табии Тоҷикистон;

- ҷалби инвеститсияҳо ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ, нақлиёт, роҳ ва варзиш.

4. Дар самти фаъол намудани равандҳои сармоягузорӣ ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дода шавад:[3М]

- ҳамоҳанг сохтану ҳамгироии манфиатҳои давлатӣ, бахши хусусӣ ва аҳолӣ дар ҷалб ва натиҷагирии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- аз байн бардоштани ҳолатҳои коррупсионӣ, тамаъҷӯйӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб дар амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо;

- ҷалби воситаҳои озоди пулии аҳолӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ ба бонкҳо тавассути беҳтар намудани меъёрҳои пасандоз (депозитӣ);

- бо ҳар гуна имтиёзҳои мавҷуда ҳавасманд намудани сармоягузорони ватаниву хориҷӣ барои сармоягузории дарозмуҳлат;

- равона намудан ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба он шаҳру ноҳияҳое, ки дар рушди иқтисодӣ қафо мондаанд;

- таҳия намудани низоми мониторинги муҳити инвеститсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баҳри таъмини назорат дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ.

## ФЕҲРИСТИ

## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I.Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Соҳибназаров З.Т. Омилҳои ҷолибияти сармоягузории минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Т. Соҳибназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2021. - №2. - С. 203 – 213.

[2-М]. Соҳибназаров З.Т. Равишҳои методологӣ оид ба арзёбии ҷолибияти сармоягузории минтақа [Матн] / З.Т. Соҳибназаров // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2023. - №4/II. (167). – С. 146 – 155.

[3-М]. Сохибназаров З.Т. Инвестиционная активность в Согдийской области Таджикистана: состояние и перспектива [Текст] / З.Т. Сохибназаров // Известия национальной Академии наук Таджикистана. – 2023. - №4. (273). – С. 104 – 110.

[4-М]. Сохибназаров З.Т. Инвестиции в науку и инновации как фактор экономического развития Таджикистана [Текст] / З.Т. Сохибназаров // Известия национальной Академии наук Таджикистана. – 2024. - №4. (273). – С. 120 – 124.

[5-М]. Сохибназаров З.Т. Управление инвестициями в региональной экономической системе: опыт зарубежных стран [Текст] / Д.Н. Дадоматов, З.Т. Соҳибназаров // Вестник технологического университета Таджикистана. – 2024. - №3. – С. 210 – 216.

### II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

[6-М]. Соҳибназаров З.Т. Сармоягузорӣ ба инноватсия ҳамчун омили рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Т. Соҳибназаров // Конференсияи анъанавии илмӣ – амалии ДДҲБСТ. – 2020. – С. 161 – 166.

[7-М]. Соҳибназаров З.Т. Таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат ва рушди инноватсионӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии

Тоҷикистон [Матн] / З.Т. Соҳибназаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ, Хуҷанд, “Дабир” – 2021. – С. 246 – 251.

[8-М]. Соҳибназаров З.Т. Муаммоҳои ҷалби сармоягузорӣ дар шароити ҳозираи иқтисодиёти Тоҷикистон [Матн] / З.Т. Соҳибназаров // Конференсияи илмӣ – байналмилалӣ, Хуҷанд “Дабир”. – 2024. – С. 515 – 519.

[9-М]. Соҳибназарзода З.Т. Рақамикунонии истеҳсолот дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Таҳлили назариявӣ ва тамоюлҳои рушд [Матн] / З.Т. Соҳибназарзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида, ба “Бистсолаи омӯзиши фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва Ҳафтаи илм (24 апрели соли 2025), Душанбе – 2025. – С. 223 – 227.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

[1]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 28 декабри соли 2023. – Душанбе: “Шарқи озод”, 2023. – С. 12, 13, 16.

[2]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”. 29. 12. 2012, - № 755.

[3]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”. 15. 03. 2016, - №1299.

[4]. Акилджанова Ш.Ю. Сущность и типы стратегического планирования инвестиционного развития региона [Текст] / Ш.Ю. Акилджанова // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №3 – С.108-115.

[5]. Бланк И.А. Основы финансового менеджмента. - Москва: Омега-Л, 2011. – С. 203.

[6]. Бойматов А.А., Формирование стратегии устойчивого развития

региональной экономики. Коллективная монография / А.А. Бойматов, А.Х.Авезов, Т.Р. Ризокулов, и др. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 279 с.

[7]. Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021 – 2025. – Хуҷанд; МИҲД дар вилояти Суғд, 2021. – С.39 - 41; 17, 28.

[8]. Боди З., Кейн А., Маркус А. Дж. Принципы инвестиций. М., 2002. С. 25;

[9]. Балабанов В. С., Дмитриева Е. В. Основные понятия и сущность инвестиционной деятельности предприятия // Научно-практический журнал Октябрь-декабрь 2012. – С 103–107.

[10]. Бобоев, А.А. Вопросы повышения инвестиционной привлекательности сельского хозяйства в регионах Республики Таджикистан / А.А. Бобоев // Доклады ТАСХН. – 2009. – № 4. – С. 54-59.

[11]. Безруков, В. Оценка инвестиционной деятельности в федеральных округах в 2002 году [Текст] / В. Безруков, В. Новосельский // Инвестиции в России. – 2002. – №12. – С. 115-127.

[12]. Бирман Г., Шмидт С. Экономический анализ инвестиционных проектов / Пер. с англ. / Под ред. Л.П. Белых. М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1997.

[13]. Газибеков С.А. Управление процессами обеспечения устойчивого развития в новых условиях [Текст] / С.А. Газибеков // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/9 (218). – С. 43-47.

[14]. Гитман Л. Дж., Джонк М. Д. Основы инвестирования. С. 10

[15]. Гэлбрейт Дж. Экономические теории и цели общества. — Москва: Прогресс - 1976. С. 294.

[16]. Денисенко, И. С. Экономическое учение Джона Мейнарда Кейнса: его вклад в экономическую науку / И. С. Денисенко, Д. В. Кривенков, С. С. Лагутин // РОЛЬ ИННОВАЦИЙ в

ТРАНСФОРМАЦИИ СОВРЕМЕННОЙ НАУКИ : сборник статей по итогам Международной научно-практической конференции, (Магнитогорск, 03 мая 2019 года). – Магнитогорск: Общество с ограниченной ответственностью "Агентство международных исследований", 2019. – С. 97-99. – EDN QZNRJV.

[17]. Долан Э. Д. Рынок: микроэкономическая модель / Эдвин Дж. Долан, Дэйвид Е. Линдсей; [пер. с англ. В. Лукашевича и др.]. — Бишкек : Туран, 1996. — 496 с. ил.; 27. — ISBN 5-7261-0062-X.

[18]. Дадоматов, Д. Н. Инвестиции в сельскохозяйственный сектор: сущность, содержание и классификация / Д. Н. Дадоматов, Б. М. Кузибаева, Я. Д. Касымов // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2023. – Т. 67, № 4. – С. 93-100. – EDN RWRHXQ.

[19]. Исмоилов, М. Потенциал развития экономики Таджикистана в условиях рынка / М. Исмоилов, Р. О. Рахимова // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2018. – № 3(46). – С. 118-123. – EDN JPJQHV.

[20]. Исмаилова М.М. Рушди иқтисодӣ – асоси бартараф намудани оқибатҳои бухрони трансформатсионӣ / М.М. Исмаилова // Ахбори донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. - №3 (88). – С. 14 – 20.

[21]. Исайнов Х.Р., Ходиев Д.А., Хофизов Х.А. Приоритетные направления привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона / Исайнов Х.Р., Ходиев Д.А., Хофизов Х.А. // Аудит и финансовый анализ. – 2018.- №2. – С. 270 - 274.

[22]. Кейнс Дж.М. Избранные произведения. М.: Экономика, 1993. 543 с.

[23]. Каюмов, Н.К. Приоритеты и меры по стимулированию экономического развития Республики Таджикистан в переходный

период / Н.К.Каюмов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2001. – № 3. – С. 117-118.
[24]. Комилов С.Дж., Гафаров М.М. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона [Текст] / С.Д. Комилов, М.М. Гафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук - 2014. – № 2/1-127. – С. 10-17.
[25]. Комилов С.Дж., Гафаров М.М. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона [Текст] / С.Д. Комилов, М.М. Гафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014. – № 2/1-127. – С. 10-17.
[26]. Лебедев В.М. Привлечение иностранных инвестиций: фактология, проблемы, подходы к решению // РЭЖ.- 2008.- №5-6.- с.69-79.
[27]. Лаффер А. Кривая Лаффера: прошлое, настоящее и будущее // Laffer Associates, 6 января 2004 г.
[28]. Марупов Д.М. Оценка инвестиционного климата и условий привлечения инвестиций организациями Республики Таджикистан // Современные проблемы науки и образования. – 2013. – № 6. – С.4.
[29]. Маркс К. Г. Капитал. Критика политической экономии. Т. 1. Кн. I: Процесс производства капитала.-Москва, 1949. С. 158.
[30]. Макконнелл К. Р., Брю С. Л. Экономикс. -Москва, 1992. С. 388.
[31]. Назаров Т.Н. Некоторые проблемы экономики новой реальности / Т.Н. Назаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2022. - №1 (266). – С. 7 – 16.
[32]. Назаров Т.Н. Экономика развития, эффективности и спроса / Т.Н. Назаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2023. - №1 (270). – С. 7 – 15.
[33]. Нуриллоев, Х.Р. На пути к развитию инвестиционного климата в Республике Таджикистан [Текст] / Х.Р. Нуриллоев // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия

экономических наук (часть 1). – Душанбе: Сино, 2013. - № 2/7 (123). – С. 203-207.

[34]. Нуриллоев Х.Р. Формирование благоприятного инвестиционного климата в экономике Согдийской области Республики Таджикистан. – Худжанд, 2020. – С.68.

[35]. Омаров, М.М. Перспективные направления привлечения инвестиции в экономику региона / М.М. Омаров // Экономическое возрождение России. 2016.- №1(47). – С.154-159.

[36]. Самуэльсон Пол Э., Нордхаус Вильям Д. Экономика, исправленное издание; Диалектика - Вильямс, 2020. - 1325 с.

[37]. Ризокулов Т.Р. Проблемы макроэкономической нестабильности и их регулирование в экономике Таджикистана. – Худжанд: Технопарк ТГУПБП, 2021. – С. 208.

[38]. Ризокулов Т.Р. Проблемы инфляции в экономике Республики Таджикистан. - Душанбе: Ирфон, 2006. – 217 с.

[39]. Розенберг Дж. М. Инвестиции. Терминологический словарь. - Москва: ИНФРА-М, 1997. С. 41.

[40]. Рахимов, Т.Р. Механизм формирования благоприятного инвестиционного климата в регионе: автореф. дис. … канд. экон. наук:
08.00.05 / Т.Р. Рахимов. – Томск, 2007. – 24 с.

[41]. Раҳимов Ш. М. Хусусиятҳои хоси пешбурди сиёсати иқтисодӣ дар кишварҳои хориҷӣ / Ш. М. Раҳимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2024. - №2. - С. 9 - 15. EDN: UNJFGF

[42]. Роберт Э. Лукас. Лекции по по экономическому росту. Издательство Института Гайдара, 2013. – 288 с.

[43]. Ризокулов, Т.Р. Проблемы инвестиционного климата в РТ [Текст] / Т.Р. Ризокулов, Б.Б. Пулатов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – Худжанд 2012. – № 3. – С. 64-71.

[44]. Ризоқулов Т.Р. Ҷанбаҳои назариявию амалии баланд бардоштани рақобатнокии иқтисодиёти миллӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон: Стратегияи рушд. 2021. - № 4. - С.45-57.

[45]. Рахимов, Р. К. Соотношение сбережений и инвестиций в экономике Таджикистана [Текст] / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2007. – С. 38–58.

[46]. Рахимов, Р. К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста [Текст] / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе, 2003. – №1. – С. 24–38.

[47]. Сафаров, С.Г. Инвестиционная политика в промышленности Республики Таджикистан и проблемы ее эффективности: автереф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / С.Г. Сафаров. – Душанбе, 1999. – 25с.

[48]. Сафаров Б.Г. Стратегия управления инвестиционными процессами в Таджикистане в современных условиях [Текст] / Б.Г. Сафаров // Мат. Межд. научно-практ. конф. на тему «Государственные инвестиции, налогообложение и их влияние на экономический рост». – Душанбе: ФЭИТ, 2014. - С. 240.

[49]. Солиев, А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики: на примере РТ. / А.А. Солиев: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук - Душанбе, 2004.-28с.

[50]. Саидмуродзода Л.Х., Ишматов Д.А. Инвестиции в основной капитал как фактор экономического роста: использование моделей Кобба-Дугласа и многофакторной регрессии / Л.Х. Саидмуродзода, Д.А. Ишматов // Вестник ПИТТУ имена академика М.С. Осими. – 2024. - №2 (31). – С. 65 – 76.

[51]. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе; 2016. – с. 86.

[52]. Сергеев И.В., Веретенникова И.И. Экономика организаций: учебник. -Москва, 2007. – 560 с

[53]. Тагоев Дж.Х. Структура инвестиций в основной капитал: оценка, состояние и тенденции развития [Текст] / Дж.Х. Тагоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук - 2013. – № 2/4 (114). – С. 50-55.

[54]. Урунов, А.А. Экономическая оценка инвестиций. Учебное пособие / А.А. Урунов, Р.М. Дошаев. – Москва: Издательский дом «Синергия», 2008. – 316с.

[55]. Умаров, Х.У. Региональные различия и проблемы их смягчения / Х.У. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2004. – № 1. – С. 77-92.

[56]. Узакова, Г.М. Формирование источников инвестиций в национальной экономике Таджикистана в переходный период: автореф. дис. … канд. экон. наук: 08.00.01 / Г.М. Узакова. – Худжанд, 2011. – 28 с.

[57]. Хошимов Х.Х. Зарубежный опыт регулирования развития экономики и условия его применения в регионах Республики Таджикистан [Текст] / Х.Х. Хошимов, З.А. Самадова // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук (научно-теоретический журнал). – Худжанд, 2019. - № 4 (81). – С. 47-53.

[58]. Чекалкин В.И. Местное самоуправление в зарубежных странах. Информационный обзор / Сост.: Чекалкин В.И., Черник И.Д.; под общ. ред.: Бенкевич В.В., Жупанов С.И., Медведева Н.П., Ракитов А.И., Федорова А.Ю. – Москва, Юрид. лит., 1994. - 80 с.

[59]. Шарп У. Ф., Александр Г. Д., Бейли Дж. В. Инвестиции. - Москва., 1999. С. 1.

[60]. Шарп У., Александер Г., Бейли Дж. Инвестиции. – Москва, 2001. - 1028 с.

[61]. Шарифзода М.М. Хусусиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ дар замони муосир [Матн] / М.М.Шарифзода // «Ахбори ДДҲБСТ». Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2023. - №4 (97). - С. 90-98.

[62]. Шарипов, Б. М. Тенденции формирования и развития финансового рынка в современном Таджикистане / Б. М. Шарипов. – Душанбе : Институт экономики и демографии, 2022. – 482 с. – ISBN 978-99985—7052-8. – EDN MZFJRD.

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ПРАВА, БИЗНЕСА И ПОЛИТИКИ**

**УДК: 338:656**
**ББК: 88**

*на правах рукописи*

**СОХИБНАЗАРЗОДА ЗИКРИДДИН ТОДЖИДДИН**

# АКТИВИЗАЦИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В СИСТЕМЕ ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание ученой степени**
**доктора философии (Phd) по специальности**
**6Д050606 – Региональная и территориальная экономика**

**Худжанд - 2025**

Диссертация выполнена на кафедре экономика предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Дадоматов Далержон Нишонбоевич**, доктор экономических наук, заведующей кафедрой бухгалтерского учета, Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики |
| **Официальные оппоненты:** | **Махмадали Бахтиёр Наби**, доктор экономических наук, профессор, ректор Горно – металлургический институт Таджикистана |
| | **Игамназаров Нурбек Имомназарович,** кандидат экономических наук, заведующей кафедрой товароведение и таможенное дело ГОУ «Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции |
| **Ведущая организация:** | Таджикский государственный финансого – экономический университет |

Защита диссертации состоится «07» февраля 2026 года, 09:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-013 при Таджикском государственном университете права, бизнеса и политики по адресу: 735700, г. Худжанд, 17-й микрорайон, д.1, учебный корпус №5, e-mail: ds.tsulbp@mail.ru, телефон учёного секретаря: +992 92-858-22-12

